Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

маҷаллаи
илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ

№ 1, 2016

ББК - 66.4 (06) (2 тоҷик)
С - 54

Бахшида ба нахустин таҷлили «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» ва ифтитоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ - 29.09.2016

Сармуҳаррир:
Сироҷидин Аслов – Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муовини сармуҳаррир:
Низомиддин Зоҳидӣ – Муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор.

Котиби масъул:
Вафо Ниятбеков – Сардори Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳайати таҳририя:
Аъзамшо Шарифӣ – Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ;
Талбак Назаров – Собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи улуми Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ;
Худобердӣ Холиқназар – Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ;
Маҳмадшариф Ҳақдод - Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Карокатулло Олимов – Раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор;
Абдураҳмон Маҳмадов – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор;
Холмаҳмад Самиев – декани факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент;
Хусрав Ғоибов – Сардори Раёсати кишварҳои Осиё ва Африка;
Салими Хатлонӣ – Муовини сардори Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология;

Мухаррири техникӣ ва ороишгар – Комил Саидшозода.

ISSN 2312-3338

Нишонии фаслнома: ш. Душанбе, кӯчаи Шероз 33

© Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суханронии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба нахустин таҷлили “Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ” ва ифтитоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ

29.09.2016, Душанбе

Муҳтарам собиқадорон ва кормандони хизмати дипломатӣ!
Ҳозирини гиромӣ!

Дар раванди таърихии ташаккул ва рушди Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибихтиёру мустақил сиёсати хориҷии он нақши сазовор дорад.

Шароити мушаххаси таърихии инкишофи кишвари соҳибистиқлоли мо, хислат ва муҳтавои таҳаввулоти байналмилалӣ тайи чоряк асри гузашта аҳаммияти хоссаи омили беруниро дар ҳаёти ҷомеаи мо ва робитаи зичи рушди

дохилии кишварро бо воқеияти байналмилалӣ муайян намуд.

Дар вазъияти пуртазоди солҳои аввали истиқлолият роҳандозии равобити хориҷӣ ва муаррифии шоистаи давлати навини мо дар арсаи байналмилалӣ яке аз муҳимтарин самтҳои раванди давлатсозӣ буд.

Аз ин нигоҳ санаи 29 сентябри соли 1993 дар таърихи муосири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи воқеан муҳим ба шумор меравад.

Дар ин рӯзи хотирмон аввалин маротиба аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид нақшаҳои бунёдкорона, ҳадафҳои сулҳҷӯёна ва азму ниятҳои неки давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили робитаҳои байналмилалӣ ба тамоми аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардиданд.

Ин рӯйдод аз лиҳози мазмуну ғоя ва ҷанбаҳои сиёсӣ на фақат барои кормандони дипломатии кишвар, балки барои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аҳаммияти таърихӣ дорад.

Ҳамин буд, ки аз соли ҷорӣ сар карда, рӯзи 29 сентябр дар кишвари мо ҳамчун “Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ” тақлил мегардад.

Бинобар ин, бо камоли хушнудӣ ҳамаи шуморо ба муносибати тақлили нахустини ҷашни касбиатон самимона табрик гуфта, бароятон саломативу хушбахтӣ ва барори кор орзу менамоям.

Басо рамзист, ки дар ин рӯзи барои ҳар яки шумо хотирмон мо бинои нави Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷиро, ки санги асоси онро як сол қабл, яъне 7-уми сентябри соли 2015 гузошта будем, ифтитоҳ намудем.

Бинои мазкур пурра аз ҳисоби даромадҳои консулии вазорат сохта шуда, бо технологияҳои пешрафтаи хизматрасонӣ муҷаҳҳаз гардидааст ва дар он тамоми шароити мусоиди корӣ муҳайё карда шудааст.

Итминони комил дорам, ки баробари мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани ин иморати хуштарҳу замонавӣ барои босифат ва дар сатҳи талаботи замон сурат гирифтани хизматрасониҳои консулӣ имкониятҳои нав пайдо мешаванд.

Дар зарфи 25 соли истиқлолият хизматрасонии консулӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ вусъат ва густариши беш аз пеш ёфтааст.

Айни ҳол зиёда аз 30 намояндагии дипломатии мо дар хориҷи кишвар дар ҷодаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва дар маҷмӯъ, доир ба ҳифзи манфиатҳои миллии давлати Тоҷикистон ҳамарӯза талош меварзанд.

Фаъолияти солҳои охири Вазорати корҳои хориҷӣ доир ба татбиқи навгониҳо дар низоми хизматрасониҳои давлатӣ боиси таҳсин буда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат доимо дастгирӣ меёбад.

Ҷорӣ кардани низоми истифодаи шиносномаҳои биометрии дорои ҳомили электронӣ ба ҳайси аввалин қадам дар ин ҷода, ҳамчунин кортҳои шиносномавии дохилӣ ба ҳайси василаи муосири сабти маълумоти шахсии шаҳрвандон ва таҳияи ҳуҷҷатҳои сафари онҳо тибқи талаботи байналмилалӣ эътимоднокии худро дар амал исбот намуданд.

Чанде пеш дар кишвар низоми раводиди электронӣ роҳандозӣ шуд, ки он яке аз таҷрибаҳои нахустин дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, имконияти мусоиди аз ҷониби ҳар як шаҳрванди хориҷӣ дастрас намудани раводиди дахлдорро тавассути мақомоти консулӣ дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар арафаи ҷашни 25-умин солгарди истиқлолияти кишварамон миёни сохторҳои давлатӣ озмуни ҷумҳуриявӣ ҷиҳати муайян намудани беҳтарин сохтори марказии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуд.

Дар натиҷаи ҷамъбасти он Вазорати корҳои хориҷӣ ҷоизаи махсуси ин озмунро ба даст овард, ки ин ҳам баёнгари пешрафти ниҳодҳои вазорат, аз ҷумла хадамоти консулии он, ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки дар тӯли 25 сол Вазорати корҳои хориҷии мо дар пешбурди сиёсати берунии Ҳукумат корҳои зиёдеро анҷом додааст.

Зимнан,бояд гуфт, ки дар даврони пеш аз истиқлол Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни идораи давлатӣ собиқаи муайяне дошт, вале дар арсаи сиёсати хориҷӣ дорои чунин

таҷриба набуд.

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, ки ҳанӯз соли 1944 таъсис ёфта буд, танҳо баъзе масъалаҳои ташрифотию намояндагиро ба иҷро мерасонид.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ ва доираи фаъолияти он чун мақоми идораи давлатӣ ба таври назаррас тағйир ёфт.

Дар робита ба ин, ишора ба як далел кофист, ки ҳайати кормандони он аз 11 нафари давраи пеш аз истиқлол ба зиёда аз 300 нафар расид.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки дар самти омода кардани кадрҳои дорои сатҳи баланди касбӣ, донандагони забонҳои хориҷӣ ва лоиқу кордон, ки аз умдатарин масоили ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои байналмилалӣ бархурдоранд, ҳамчунин, дар самти ҷобаҷогузории кадрҳо камбудиҳои зиёде дорем, ки ҳаллу фасли онҳо андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Ҳарчанд ки барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар хизмати дипломатӣ озмунҳо мунтазам гузаронида мешаванд, вале баъзе ҳолатҳои муносибати ғайрихолисона ба масъалаи арзёбии сифатҳои касбиву шахсии кадрҳои ҷавон ба мушоҳида мерасанд.

Сатҳи пасти малакаи касбии баъзе дипломатҳои тоҷик, алалхусус, дар самти омӯзиши забон, таърих, анъанаву фарҳанг ва қонунҳои кишвари иқомат, боиси нигаронист.

Дар масъалаи таъмин намудани сатҳи зарурии интизом ва масъулиятшиносии кадрҳо низ норасоиҳо ба назар мерасанд.

Ҳамчунин, ҳолати таъмини бехатарии иттилоотиву иртиботии фаъолияти намояндагиҳои дипломатии мо дар кишварҳои хориҷӣ ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дорад.

Имрӯз мо бояд ба ин масъалаҳо ҳам дар дастгоҳи марказии вазорат ва ҳам дар сафорату намояндагиҳои дипломатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоем.

Тавре ки чанде пеш дар суханронии худ ба ифтихори 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудам, меҳвари сиёсати хориҷии мо, дар баробари таъмину ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, аз муаррифии

шоистаи он ба ҷаҳониён иборат аст.

Мусаллам аст, ки дар иҷрои ин вазифа донишу таҷриба, ахлоқи ҳамида, одоби муошират, донистани забонҳои хориҷӣ, хусусан забони кишвари иқомат, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва поквиҷдонии дипломатҳои тоҷик нақши муҳим дорад.

Мусоидат ба шинохти воқеии ҷомеаи Тоҷикистон ва равандҳои рушди ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии он дар хориҷа яке аз вазифаҳои калидии Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии мо мебошад.

Вазъи кор дар ин бахш, алҳол, ба беҳбудӣ ниёз дорад ва сатҳи фаъолият дар ин самт бояд ҷиддан баланд бардошта шавад.

Истифодаи ҳамаи василаҳои дастрас, аз ҷумла таҳкими робитаҳои корӣ самарабахш бо ниҳодҳои созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори умуми кишвари иқомат, тарғиби дастовардҳои соҳаҳои гуногун ва дигаргуниҳои бунёдии ҷомеаи мо аз тариқи суханрониву мусоҳибаҳои матбуотӣ ва музокироту вохӯриҳои дипломатӣ амри комилан зарур аст.

Мо имрӯз мушоҳида мекунем, ки ояндабинии тамоюлҳову ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва вокуниши саривақтиву мантиқӣ ба онҳо аҳаммияти дучанд пайдо кардааст.

Вазорати корҳои хориҷӣ ва сафирону намояндагони моро дар хориҷи кишвар зарур аст, ки кори худро дар ин арсаҳо ба таври назаррас фаъол гардонида, ҷиҳати ташаккули дидгоҳу назари нек нисбат ба давлати Тоҷикистон ва халалдор нагардидани симои мусбати он дар арсаи байналмилалӣ чораҳои муассиру саривақтӣ андешанд.

Дӯстони азиз!

Ба шумо пӯшида нест, ки таърихи давлатдории тоҷикон собиқаи тӯлонӣ ва ғании дипломатӣ дорад ва дар бораи сифату хислати сафирон ё ба қавли ниёгонамон - фиристодагон даҳҳо китобу рисолаҳо таълиф шудаанд.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ доир ба сифатҳои сафирон чунин фармудааст:

Фиристода бояд, ки доно бувад,
Ба гуфтан далеру тавоно бувад

Ё дар ҷои дигари ин асар Хусрави Парвиз ба фиристодагони худ чунин дастур медиҳад:

Хирадманд бошеду равшанравон,
Ниюшандаву чарбу ширинзабон.
Бад-он анҷуман ту забони манӣ,
Ба ҳар неку бад тарҷумони манӣ.

Дар ин мисраъҳои безаволи ҳаким Фирдавсӣ сифатҳои умдаи фиристодагон - муаррифгарони роҳбари давлат ва миллату кишвари худ, яъне хирадмандӣ, равшанравонӣ ба маънои ахлоқи нек ва аҳаммияти забондонӣ, ба таври возеҳ таъкид шудаанд.

Фикр мекунам, ки имрӯз ҳам арзиши ин суханони Фирдавсӣ кам нагаштааст ва онҳо барои ҳар яки шумо дар фаъолияти ҳаррӯзаатон бояд ба ҳайси чароғи ҳидоят хизмат кунанд.

Дӯстони азиз!

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мавқеи умда доранд.

Тоҷикистон тайи даврони соҳибихтиёрии хеш муносибатҳои судмандро бо кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда, ҷойгоҳу мавқеи сиёсии худро дар арсаи ҷаҳонӣ марҳала ба марҳала мустаҳкам гардонид.

Давлати мо дар ин давраи аз нигоҳи таърих начандон тӯлонӣ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, обрӯ ва эътибори он рӯ ба афзудан ниҳод.

Ҳукумати Тоҷикистон аз аввалин рӯзҳои барқарории сулҳу субот дар кишвар масири густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои гуногунарсаи судмандро бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ пеш гирифт ва ин равандро вусъат бахшид.

Сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаи Ҳукумати Тоҷикистон мавриди пуштибонии на танҳо мардуми шарифи Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт ва ин омил барои татбиқи сиёсати муваффақонаи хориҷӣ заминаи хубе гардид.

Аз ин ҷост, ки нуфуз ва обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ сол то сол боло меравад ва кишварҳои олам майлу рағбати худро ба тақвияту густариши равобит бо Тоҷикистон

эълон медоранд.

Табиист, ки ҳар кишвар барои ҳузур ва нақшофарӣ дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ ниёз ба заминаҳои ҳуқуқӣ дорад.

Соли 2002 аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои назариявию сиёсии равобити байналмилалии кишварамонро дар давраи нав - баъди истиқрори сулҳу субот - муайян кард.

Баъди гузаштани беш аз як даҳсола - бо таваҷҷуҳ ба шароити нави ҷаҳонӣ ва афзалиятҳои муосири бурунмарзии кишвар - дар ибтидои соли 2015 Консепсияи нави сиёсати хориҷии мо қабул гардид, ки санади асосии муайянкунандаи самтҳо ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии давлатамон маҳсуб мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди сипарӣ гардидани марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ, ки даврони ба эътидол овардани вазъияти дохилӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ буд, дар равобити байналмилалии худ сиёсати «дарҳои кушода»-ро эълон дошт, ки ин хатти сиёсӣ имрӯз низ муваффақона идома дорад.

Самараи чунин сиёсатро мо дар робитаҳои хориҷии гуногунҷанбаи кишварамон дар арсаҳои мухталиф мебинем.

Айни ҳол Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ба узвияти беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ ва ниҳоди молиявии ҷаҳонӣ пазируфта шуда, ҳамроҳ бо дигар кишварҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти сиёсиву амниятӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷаҳон нақш мегузорад.

Дар баробари ин, Тоҷикистон ба зиёда аз 350 санади байналмилалӣ, ба мисли конвенсияҳо, хартияҳо ва эъломияҳои байналмилалӣ, ҳамроҳ шуда, уҳдадориҳои худро дар самти расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ, аз қабили рушди иҷтимоӣ, беҳбуди вазъи иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва амсоли онҳо, иҷро менамояд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳкиму густариши муносибатҳои дуҷонибаи босубот ва дарозмуддат бо кишварҳои минтақаҳои мухталифи олам ҷойгоҳи хосса дорад.

Тоҷикистон то имрӯз бар асоси принсипҳои эҳтиромӣ мутақобил, манфиатҳои муштарак ва риояи ҳуқуқи

байналмилалӣ бо зиёда аз 140 кишвари дуру наздик робитаҳои дӯстонаву беғараз ва ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаро ба роҳ монда, густариш медиҳад.

Дар ин замина Тоҷикистон бо давлатҳои мухталифи ҷаҳон беш аз 2000 санади ҳуқуқиро ба имзо расонида, мавриди иҷро қарор додааст.

Ҳамзамон бо ин, таъкид бояд кард, ки раванди татбиқи муқаррароти шартномаҳои ба тасвибрасида дар бисёр ҳолатҳо аз доираи назар берун мемонад ва натиҷаву бозdeҳи баъзе санадҳои ҳамкориҳои дуҷониба хеле кам мебошад.

Дар робита ба ин, Вазорати корҳои хориҷиро зарур аст, ки якҷо бо вазорату идораҳои дигар ба масъалаҳои вобаста ба таҳияи хушсифату саривақтии санадҳои дар чорчӯбаи сафарҳои расмиву кории роҳбарияти олии кишвар имзошаванда ва умуман, ба мазмуну мундариҷаи баланди чунин сафарҳо аҳаммияти пайваста ва хосса диҳанд.

Ҳар як шартномае, ки ба имзо мерасад, пеш аз ҳама, бояд воқеиву иҷрошаванда ва ҷавобгӯи талаботи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва манфиатҳои миллии мо бошад.

Бо такя ба сиёсати «дарҳои кушода» давлати мо равиши хоси дипломатияи худро дарёфт намуда, имрӯз дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок менамояд ва дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси як кишвари хостори таъмину таҳкими сулҳу суботи саросарӣ шинохта шудааст.

Давлати мо муаллифи се ташаббуси бузург дар соҳаи об аст, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ шудаанд.

Ҳамин буд, ки дар оғози соли равон бо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Президенти Бонки ҷаҳонӣ бо иштироки роҳбарони даҳ кишвари аъзои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Тоҷикистон, Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об таъсис ёфта, ба фаъолият шурӯъ кард.

Ҳамзамон бо ин, ба мақсади идомаи талошҳои байналмилалӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба обу беҳдошт, мо таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ибтикори нав - эълон кардани Даҳсолаи байналмилалӣ таҳти шиори “Об ба

хотири рушди устувор” - ҷалб намудем.

Боиси хушнудист, ки ин иқдоми тозаи Тоҷикистон, ки зимни ширкати мо дар Форуми 7-уми умумиҷаҳонии об моҳи апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгуи Ҷумҳурии Корея муаррифӣ гардид, мавриди дастгирии рӯзафзун қарор дорад.

Дар робита ба ин, Вазорати корҳои хориҷӣ ва ниҳодҳои марбутаи кишварро зарур аст, ки барои таъмин намудани дастгирии фарогир аз иқдоми мазкур ва дар ин замина таҳия ва пешниҳод намудани қатъномаи дахлдори Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид чораҳои зарурӣ андешанд.

Моҳи июни соли равон ба узвияти Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии Созмони Милали Муттаҳид (ЭКОСОК) интихоб гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон боз як далели возеҳи болоравии обрӯ ва эътибори кишвари мо дар арсаи байналмилӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки давлати мо дар ниҳодҳои дигари Созмони Милали Муттаҳид, монанди Комиссияи маводи мухаддир барои солҳои 2014-2017 ва Комиссияи мақоми зан барои солҳои 2014-2018 узвият дошта, дар чаҳорчӯбаи онҳо фаъолияти самаранок мебарад.

Таҳаввулоти босуръати геоиқтисодии замони муосир ва тамоюлҳои инкишофи иқтисоди ҷаҳонӣ боиси аҳаммияти беш аз пеш пайдо кардани дипломатияи иқтисодӣ ва мунтазам афзудани нақши унсури иқтисодии равандҳои умдаи байналмилалӣ гардидаанд.

Вобаста ба ин, дар назди мо силсилаи вазифаҳои мубраме истодаанд, ки мақсад аз иҷрои онҳо расидан ба ҳадафҳои миллии рушди кишвар буда, истифодаи муассир ва самараноки василаҳои дипломатияи иқтисодиро тақозо менамоянд.

Густариши минбаъдаи робитаҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи иқтисодии хориҷии Тоҷикистон ва эҷоди шароити мусоиди берунӣ барои таҳкими имкониятҳо ва зербинои иқтисодии кишвар аз ҷумлаи чунин вазифаҳо мебошанд.

Дар ин радиф, бо дарназардошти таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ ва мавҷудияти шароити мусоид дар кишвар, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ дар

соҳаи «иқтисоди сабз», ҳамчунин мусоидат ба густариши ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратиро бо кишварҳои ҳамсарҳад чун василаи эҷоди фазои эътимоду боварӣ дар тӯли марзҳои кишвар ба таври алоҳида бояд зикр кард.

Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи аввалин ва муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва амниятӣ дар Осиёи Марказӣ мешуморад.

Тайи чоряк асри соҳибистиқлолӣ давлати Тоҷикистон чунин мавқеъ ва дидгоҳи худро дар амалияи сиёсиаш борҳо намоиш додааст.

Мо итминони комил дорем, ки ҳамгироии созанда дар заминаи ҳусни ҳамҷаворӣ ва эътимод ба якдигар ба манфиати ҳар як давлату халқи минтақа аст.

Мо дар якҷоягӣ метавонем низоми фарогири амнияти минтақаамонро эҷод намоем ва бар зидди таҳдиду хатарҳои глобалии муосир дар минтақа муборизаи муштарак барем.

Албатта, ҳифзи сулҳу субот ва таъмини рушди умум аз муҳимтарин вазифаҳои муосир ба шумор мераванд.

Сафирону намояндагони мо дар хориҷи мамлакат, умуман, ҳар як дипломати тоҷик ҳамеша бояд дар хотир дошта бошанд, ки таъмини равобити хубу дӯстона бо кишварҳо ва созмонҳои хориҷӣ, муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ба арзишҳои умумибашарӣ эҳтиром мегузорад, аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақому ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ маҳсуб мешаванд.

Фаромӯш набояд кард, ки риояи манофеи миллӣ ва заминасозӣ барои таъмини рушди устувори кишварамон, баробари ҳифзи дастовардҳои истиқлол, аз ҳар корманди хизмати дипломатӣ зиракии сиёсӣ, огоҳии комил аз равандҳои ҷаҳони муосир, шинохти дурусти ҳадафҳо ва манфиатҳои Тоҷикистон, қобилияти таҳлили воқеаҳои дохиливу хориҷӣ, тасмимгирии саривақтӣ ва мантиқӣ дар баробари рӯйдодҳо ва албатта, садоқату самимияти хосса ба давлату миллатро тақозо менамояд.

Муҳтарам собиқадорон ва ходимони дипломатии кишвар!

Бори дигар ҳамаи шумо-намояндагони халқи тоҷикро

дар арсаи байналмилалӣ ва татбиқкунандагони сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ифтихори 25-солагии истиқлолияти давлатии кишвари азизамон ва «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» табрик гуфта, бароятон дар роҳи хизмат ба давлату миллат барору комёбӣ орзу менамоям.

Ҳамеша муваффақу пирӯз бошед!

Маводҳои конфронс бахшида ба 25-солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистион дар мавзӯи «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири Истиқлолият»,
шаҳри Душанбе, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
29 сентябри 2016 с.

Метериалы конференции, посвященной 25-летию Государственной независимости Республики Таджикистан по теме «Внешняя политика Республики Таджикистан в годы Независимости»,
город Душанбе, Министерство иностранных дел Республики Таджикистан.
29 сентября 2016 г.

СИРОҶИДИН АСЛОВ
Сухани ифтитоҳии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соли равон дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон яке аз санаҳои таърихӣ ба шумор меравад. Ин ҳам бошад, пеш аз ҳама дар шаҳомати ҷашни 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии кишварамон рӯнамо мегардад, ки ба сиёсати хориҷии Ҷумҳуриии Тоҷикистон робитаи ногусастанӣ дошта, дар таърихи навини мамлакат ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Боиси шарафмандиву ифтихор аст, ки бисту панҷ сол муқаддам кишвари маҳбуби мо ба истиқлолияти комил шарафёб ва мардуми шарифи он соҳиби давлати озоду соҳибихтиёри ҳуқуқбунёд гардида, бо дарназардошти анъанаву суннатҳои таърихии аҷдодӣ ва бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои мутамаддину пешрафта, рукнҳои ҷомеаи навини худро дар заминаи навсозиҳои башарӣ вусъат мебахшад.

Бояд гуфт, ки аст, ки Истиқлолият шаҳди бебаҳоест, ки мардуми шарафманду шуҳратёри мо баъди садсолаҳои зиёд, дарзимни талошҳои ҷоннисориҳои фарзандони барӯмандаш лаззатёб гардида, маҳз ба шарофати ин неъмати бебаҳо, имрӯз дар фазои Ватани азизамон офтоби озодӣ партавафшонӣ мекунад ва бо анвори нерӯбахши худ иқдомоти созанда бунёдкоронаи моро борвар, манзилу маъвои моро, имрӯзу фардоямонро мунаввар мегардонад ва мардуми моро ба ояндаи дурахшон ва боэътимод раҳнамун мегардонад.

Маҳз дастовардҳои даврони Истиқлолият, ки дар партави иқдомоти самарабори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ

Раҳмон бештар дар ҷаҳони муосир муаррифӣ гардидаанд, мардуми тоҷикро боз ҳам бо ҷомеаи ҷаҳонӣ қарина бахшида, ба сароҳат нишон додааст, ки ин халқи мутамаддин соҳибихтиёр ва соҳиби давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ буда, манфиатҳои миллии хешро ҳадафи асосии тамоми комёбиҳояш қарор дода, барои рушди давлатдории миллии худ пайваста талош меварзад, чунон ки дар ин ҷода аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, бо давлатҳо ва созмонҳои зиёди олам равобити судманд барқарор намудааст.

Дар ин робита бояд гуфт, ки сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар тули бисту панҷ соли даврони Истиқлолият дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, баҳри боло бурдани иқтидор ва нуфуз, инчунин шиносонидани симои кишвар дар арсаҳои байналмилалӣ, иқдомоти шоистае бардошта шудаанд.

Албатта маълум аст, ки Истиқлолият воқеан барои рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон заминаҳои мусоидеро фароҳам овард, чунон ки вобаста ба ин тарғиби ғояҳои миллӣ ва ҳифзи ормонҳои таърихии мардуми азизамонро ҳамчун нақши сарнавиштсоз дар мадди аввал гузошт.

Истиқлолият дастовардест, ки миллати тоҷик асрҳои тӯлонӣ комёбӣ бар он ва соҳиби давлату кишвари озоди худ буданро орзу мекард. Барои расидан ба ин орзуи хеш ҷафоҳои зиёди таърихро аз сар гузаронида, имрӯз соҳиби мактаби бузурги сиёсатмадориву давлатсозӣ ва башаршиносӣ гардидааст.

Боиси зикр аст, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибиистиқлол дар фазои таҳаввулпазир ва ҳассоси байналмилалӣ, авҷгирии хусуматҳо ва таҳдиду чолишҳои гуногуни фаромиллатӣ, ташаннуҷи авзо дар гӯшаҳои мухталифи олам, барои мусоидат ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими ҳамбастагиҳои муфид, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва иҷроиши барномаҳои ояндасози мамлакат бештар нигаронида шудаанд. Ҳамчунон бо дарназардошти манфиатҳои миллию давлатӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мамолики олам ва созмонҳои бонуфӯзи байналмилаливу

минтақавӣ дар айни равнақ қарор дорад.

Дар ин иртибот нақши Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди иқдомоти шоиста дар равандҳои муосири ҳамгироии сиёсӣ ва иқтисодӣ назаррас буда, муносиботи хешро минбаъд ҳам барои таҳкими ҳамкориҳои фарогир бо кишварҳои ҳамсоя, шариконӣ анъанавӣ дар сатҳи минтақа ва миқёси ҷаҳонӣ густариш хоҳад дод.

Муносиботи бисёрҷабҳаи Тоҷикистон дар доираи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ), Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (САД) , Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ва дигар ниҳодҳои байналмилалию минтақавӣ, аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар ба ҳисоб рафта, дар айни тавсеа ва рушд қарор доранд.

Мавриди зикр аст, ки ин ҳама дастовардҳо, аз ҷумла таъмини амнияти миллӣ, суботи иҷтимоӣ, рушди иқтисодиёти мамлакат, ваҳдати миллӣ, беҳбудии сатҳу сифати зиндагӣ ва дастрасии мардум ба ҳаёти осоишта, маҳз ба шарофати талошҳои пайгирона ва сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардидааст.

Ибтикори хирадмандонаи Роҳбари давлати тоҷикон буд, ки дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об роҳандозӣ гардид ва Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти вобаста ба об дар ҷаҳон бо ташаббусҳои созанда баромад карда, обрӯву эътибори арзандаеро дар арсаи байналмилалӣ соҳиб гардид. Чунон ки барои тақвияти иқдомоти арзандаи хеш бо баргузор намудани Симпозиумҳои сатҳи баланд вобаста ба мавзӯи об барои ҳаёт, олимону коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ ва роҳбарони давлатҳои сайёраро барои ҳамкорӣ ҷиҳати рафъи хатароти экологӣ ҷалб намуд.

Ин нуктаро ҳам бояд ёдрас шуд, ки маҳз бо баракати истиқлолияти кишварамон, имрӯзҳо мо дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат то имрӯз ба дастовардҳои назаррасе ноил гаштаем ва фаъолияти созандаи худро дар ин самтҳои стратегӣ ва ҳаётан муҳим боз

ҳам қавитар мегардонем.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло, чунон ки сиёсати хориҷии Тоҷикистони азизамон ба густариш ва рӯнамоии нақши давлатамон дар таҳкими ҳамгироии равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии муосири минтақа ва миқёси ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми январи соли 2015 зикр намуда буданд, вазифаи муқаддаси ҳар як дипломат ва корманди Вазорати корҳои хориҷӣ мешуморам ва бовар дорам, ки кормандони мо аз уҳдаи ин вазифаи пуршараф бе дарки мушкилиҳо мебароянд ва комёб мегарданд.

Мақсад аз таҳлили паҳлӯҳои гуногуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нақши ӯ дар роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷии кишвар, ривоҷ додани робитаҳо бо кишварҳои хориҷӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ташаббусу ибтикорот, дарёфти ҷойгоҳи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ ва дипломатияи фарҳангӣ мебошад.

Мусоидат ба эҷоди симои мусбати Тоҷикистон дар хориҷа барои Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии кишвари мо дар хориҷа - яке аз масъалаҳои марказӣ ба шумор меравад, ки ин меъёр барои Тоҷикистон масъалаи ҳифзи мартабаву манзалат, обрӯю эътибор ва шарикии боэътимод буданро дар мадди аввал қарор медиҳад.

ШАРИФҶОН РАҲИМЗОДА,
Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ВА ПЕШБУРДИ ОН ДАР ОЯНДА

Боиси хушнудист, ки Президенти муҳтарами мо дар баромади пурмуҳтавои худ ба дипломатияи тоҷик ва фаъолияти дипломатҳоямон баҳои баланд дода дар навбати худ оид ба самтҳои сиёсати хориҷии мамлакат дар солҳои оянда фикру андешаҳои судманд баён намуданд.

Сиёсати иқтисодии хориҷӣ фаъолияти мақсадноки ниҳодҳои давлатӣ дар самти ташаккул ва истифодаи муносибатҳои байналмилалӣ бо мақсади пурзур кардани иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбию иҷтимоии кишвар, инчунин иштироки самаранок дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати хориҷӣ, сиёсат дар самти ташкили савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, асъорӣ ва гумрукиро дар бар мегирад.

Мақсад аз пешбурди сиёсати иқтисодии хориҷӣ ҳимояи манфиатҳои кишвар дар самти ташкилу танзими воридоту содироти мол, кам кардани хароҷот оид ба хизматрасонии ин раванд, ба даст овардани имтиёзҳо, мусоидат ба фоиданокии фуруши молу маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Сол то сол зиёд шудани ҳаҷми савдои хориҷӣ ва зарурати танзиму ташаккули муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ фаъолияти самараноки ниҳодҳои давлатӣ, аз он ҷумла сафорату консулгариҳои ватанамонро тақозо намуд.

Дар самти сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва нақши

дипломатҳо дар пешбурди он, иштироки фаъолонаи кормандони сафоратхонаю консулгариҳо дар кори ба бозорҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфтани маҳсулоти ватанӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагони мо дар хориҷ ва дастрас кардани маълумоти зарурӣ оид ба шарту шароитҳои бозорҳои кишварҳои дигар корҳои муайян ба анҷом расонида шудаанд.

Ташкили Шурои миллии рушд таҳти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами мо ва Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба муайян кардани самту ҳадафҳои рушди иқтисоди миллӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, баланд бардоштани боварию ҳавасмандӣ ва иштироки ширкатҳои хориҷӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар Тоҷикистон, истифодаи захираҳои энергетикии кишварамон барои таъмини талаботи кишварҳои ҳамсоя дар мисоли сохтмони нерӯгоҳҳои барқӣ, хатҳои баландшиддати барқ, аз ҷумла CASA-1000, роҳҳои пайвасткунандаи кишварҳои ҳамсарҳади Тоҷикистон ва ғайра асос гузошт.

Гузаронидани ислоҳот дар ин самт, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз байн бурдани монеаҳо дар самти ҷалбу ҳимояи сармоя, ворид шудан ба ковенсияю созишномаҳои байналмилалии ҳимоякунандаи ҳуқуқи сармоягузорон ва чорабиниҳои дигар боиси беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат гардид. Ин аст, ки дар 10 соли охир, мутобиқ ба баҳодиҳии Бонки Ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 маротиба ба гуруҳи 10 кишварҳои ислоҳотгар ворид гардид.

Сиёсати дарҳои кушода ва ҳимояи ҳуқуқи сармоядорон имкон дод, ки бо зиёда аз 140 мамлакатҳои дунё равобити мустақими иқтисодиву тиҷоратӣ ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолии кишварамон рушди иҷтисодиёт асосан аз соли 2001 шурӯъ гардид. Дар ин давра ҳаҷми савдои хориҷии кишварамон аз 1,3 млрд.доллари ШМА дар соли 2001 то 4,3 млрд.доллари ШМА дар соли 2015 расид. Дар миён солҳои 2013, 2014 ин нишондиҳанда ба 5,3 млрд.даллари ШМА

расида буд, вале мушкилиҳои солҳои охир ва баъд шудани вазъи иқтисодии кишварҳои шарики иқтисодии кишварамон боиси кам шудани савдои хориҷӣ гардид.

Бо мақсади дар доираи робитаҳои дуҷониба танзим намудани муносибатҳои иҷтисодию тиҷоратӣ, ба даст овардани имтиёзҳо, роҳ надодан ба андозбандии дукарата ва ҳалли масъалаҳои дигар бо 42 кишвар комиссияҳои байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва техникию илмӣ таъсис дода шудааст.

Дар доираи фаъолияти комиссияҳои байниҳукуматӣ фазои сармоягузорӣ, роҳҳои аз байн бурдани монеаҳо дар рушди савдои байни кишварҳо, пешниҳоди имтиёзҳо, роҳ надодан ба андозбандии дукарата, имкониятҳои соҳибкорӣ ва ғайра баррасӣ шуда захираҳои мавҷудбуда ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ муаррифӣ мешаванд.

Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва шарикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки соли 2004 дар ш. Люксембург аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, президенти муҳтарами мо ва роҳбарияти Иттиҳоди Аврупо ба имзо расид, барои рушди минбаъдаи муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ба давлатҳои аъзои ин созмон асос гузошт.

Пайваста зиёд шудани сармоягузориҳои хориҷӣ ва дар ин асос рушд додани соҳаҳои афзалиятноки кишвар, таъсиси корхонаҳои саноатию кишоварзӣ, сохтмону таъмири пулҳо, роҳҳои оҳану автобилгард, нақбҳо, неругоҳҳои барқию гармӣ, зеристгоҳҳои барқию шабакаҳои интиқоли барқ, меҳмонхонаю шифохонаҳо, тарбияи мутахассисону таълими донишҷуён ва ғайра шаҳодати равшани натиҷаҳои мусбии сиёсати иқтисодии кишварамон мебошад.

Сохтмони роҳу пулҳо, бунёди хатҳои интиқоли барқ бо мақсади рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Афғонистони ҳамсоя низ яке аз дастовардҳои давраи соҳибистиқлолии кишварамон мебошад.

Фаъолияти ниҳодҳои гуногуни ҳукуматӣ ва Палатаи савдою саноат дар самти гузаронидани гуфтушунидҳо, баррасии имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноати истихроҷи маъданҳо, саноати сабук, хӯрокворӣ, канданиҳои

фоиданок, истифодаи растаниҳои шифобахш, содироти меваи сабзавот, бунёди гармхона ва сардхонаҳо, рушди соҳаҳои растанипарварӣ, тухмипарварӣ, коркарди сангҳои қиматбаҳо, гидроэнергетика, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, сайёҳӣ ва ғайра натиҷаҳои чашмрас доданд. Гузаронидани намоишгоҳҳо ва баргузор намудани бизнес-форумҳои доираҳои тиҷоратӣ асоси боз ҳам рушд ёфтани ҳамкориҳои соҳибкорони мо бо шарикони хориҷӣ гардидааст.

Мутобиқ ба супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами кишварамон, ки аз Паёми ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд ҳоло афзалиятҳо дар самти робитаҳои берунииқтисодии кишварамон татбиқи лоиҳаҳои бунёди хати интиқоли барқ CASA-1000, хати интиқоли барқи Душанбе - ноҳияҳои тобеи Марказ, сохтмони лулаи интиқоли газ Туркманистон-Хитой ба воситаи Тоҷикистон, роҳи Оҳани Туркманистон-Афғонистон-Тоҷикистон, роҳи оҳани Эрон-Афғонистон-Тоҷикистон-Хитой, Камарбанди иқтисодии роҳи абрешим, рушди инфрасохтори мамлакат бо истифода аз имкониятҳои бонки дар доираи ин лоиҳа таъсисдодашуда ва лоиҳаҳои дигари таъминкунандаи рушди иқтисодиёти кишварамон дар назар аст. Инчунин, дар қатори ворид шудан ба созишномаҳои зиёди байналмилалӣ дар соҳаи савдои хориҷӣ оид ба ҳамлу нақли мол, омода ва ба имзо расонидани созишномаи сеҷонибаи транзити молу нақлиёт байни Тоҷикистон-Афғонистон-Покистон аз аҳамият холӣ нест. Албатта, дар ин давра, корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, вале корҳои зиёди дигар дар пешанд. Гарчанде, ҳануз соли 2004 бо ҷидду ҷаҳди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти муҳтарами мо Созишномаи ҳамкорӣ ва шарикӣ бо Иттиҳоди Аврупо ба имзо расид, вале то ҳол мо аз имкону имтиёзҳои он пурра истифода намекунем. Соли 2013 аъзои комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо шуда бошем ҳам то ҳол ҳамаи уҳдадориҳоямонро иҷро накардаем ва мутаносибан аз имкониятҳои ин созмон пурра бархурдор нестем. Дигар шудани вазъи иқтисодии ҷаҳонӣ мутобиқгардонии сиёсати иқтисодии хориҷии мо ба вазъи бамиёномадаро талаб

мекунад. Бе ҳалли ин масъалаҳо мо наметавонем барномаҳои қабулшуда, нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти муҳтарамонро иҷро намоем.

Пешбурди сиёсати иқтисодии хориҷӣ дар самтҳои ташкили савдои хориҷӣ ва сармоягузорӣ ҳамон вақт натиҷаи самарабахш медиҳад, ки сиёсати асъорӣ ва гумрукии кишвар дуруст ба роҳ монда шуда бошад.

Сиёсати асъорӣ ташкили дурусти муносибатҳои асъорӣ бо кишварҳои дигар ва сиёсати қурбиро дар бар мегирад. Вобаста ба сиёсати асъории кишварҳои шарики иқтисодию тиҷоратӣ моро зарур аст, ки сиёсати асъории худро мутаносибан дигар кунем. Агар кишварҳои шарики тиҷоратӣ қурби асъори худро поён баранд моро низ мебояд, ки вобаста ба ҳиссаи савдои хориҷӣ бо ин кишварҳо қурби пули миллиро тағйир диҳем, вагарна фуруши маҳсулотҳои мо дар бозори ин кишварҳо зараровар мегардад. Масалан, поён рафтани қурби рубли русӣ то 156 фоиз ва тангаи қазоқӣ то 149 фоиз дар давраи аз аввали соли 2014 то аввали соли 2016 боиси кам шудани воридоти асъори хориҷӣ аз ин кишварҳо ба Тоҷикистон гардид, зеро интиқоли маблағҳои аз натиҷаи фурӯш ба дастомада бо қурби нави рублу танга нисбат ба доллари ШМА ду маротиба аз пештара камтар аст. Гарчанде ҳаҷми фурӯши маҳсулотҳои мо дар ин кишварҳо зиёд шудаасту мардум маблағи пешинро бо рубли русию тангаи қазоқӣ ба даст меоранд, бо сабаби тағйири қурби сомонӣ нисбат ба доллари ШМА дар ин давра (40 фоиз) онҳо наметавонанд миқдор ё ҳаҷми пешинаи маҳсулотҳоро аз бозорҳои Тоҷикистон харидорӣ кунанд. Ин дар навбати худ боиси кам шудани талаботи бо пул таъминбудаи шаҳрвандон гардида ба истеҳсолу молу хизматрасониҳо дар дохили кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Ин аст, ки дар чунин мавридҳо, рушди Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ суст гардида қисме аз мардум бекор мемонанд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2016 зиёда аз 36 ҳазор ҷойҳои корӣ доимӣ ва муваққатӣ кам шуданд, ки нишондиҳандаи манфӣ мебошад.

Барои ҳимояи манфиатҳои кишвар ва

молистеҳсолкунандагони дохилӣ моро зарур аст, ки ҳангоми пешбурди сиёсати иқтисодӣ хусусан дар вазъи ногувори иқтисодӣ пеш аз ҳама муайян намоем, ки аз мақсадҳои асосии ин сиёсат кадомҳояш барои ҳукумат афзалиятноканд. Ин нишондиҳандаҳо рушди иқтисодиёт, сатҳи бекорӣ, таваррум, нигаҳдории қобилияти харидории пули миллӣ мебошанд. Чи хеле, ки мебинем, нигаҳдории қурби миллӣ нишондиҳандаи аввалиндараҷа нест ва такя ба он ҳангоми буҳрон ё вазъи ногувори иқтисодӣ боиси суст шудани рушди иқтисодиёт ва боло рафтани сатҳи бекорӣ мегардад. Ҳангоми пешбурди сиёсати иқтисодӣ моро зарур аст, ки иҷрои нишондиҳандаҳои асосиро таъмин намоем.

Дуруст ба роҳ мондани сиёсати гумрукии кишвар имкон медиҳад, ки он иқтисодиёти худро аз воридоти маҳсулотҳои пастсифат ҳимоя карда барои зиёд кардани истеҳсоли молҳои ватанӣ шароит муҳайё намояд. Дигар кардани меъёри боҷу хироҷҳо ва татбиқи онҳо ҳангоми назорати гумрукӣ метавонад молистеҳсолкунандагони ватаниро аз рақобати носолим ҳимоя намояд.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар пешбурди сиёсати иқтисодии хориҷӣ, муайян намудани самтҳои муфиди ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҳамоҳангсозии он, муҳайё сохтани шароити боз ҳам мусоид барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо, ҳимояи бозори дохилӣ аз воридоти маҳсулоти пастсифат, нигоҳ доштани қобилияти харидории мардум, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ дар самти омодасозии соҳаҳо ва соҳибкорон ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, роҳ ёфтан ба бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари ба ин алоқаманд боз ҳам фаъолтар бошем.

ҒУЛОМҶОН БОБОЗОДА,
Сардори раёсати муносибатҳои байналмилалии
Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИНСТИТУТҲОИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият дар соли 1991 ислоҳоти институтсионалии бозориро дар кишвар шурӯъ намуд.

Ин ислоҳот бештар дар соҳаи озодкунии нархҳо, савдои хориҷӣ ва қурби мубодилавӣ пеш гирифта шуд.

Дар бахши молиявӣ низоми ду сатҳаи бонкӣ бо Бонки миллӣ мустақил таъсис дода шуд. Хусусигардонӣ дар соли 1991 аз фурӯши хонаҳо ва корхонаҳои хурди тиҷоратӣ ва баъдан аз корхонаҳои миёна ва калон оғоз гардид.

Дар бисёр аз соҳаҳои дигар, аз ҷумла идоракунии давлатӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ислоҳот ҳанӯз рушд накарда буд.

Муқовимати шаҳрвандӣ, офатҳои табиӣ ва шикасти робитаҳои иқтисодии анъанавӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омада, боиси коҳиши назарраси истеҳсолот гардид.

Дар он давра сатҳи зиндагӣ ба маротиб поён рафта, бекорӣ якбора афзоиш ёфт. Вобаста ба зарари давраи ҷанг, инчунин бо сабаби норасоии маблағ, қисми зиёди инфрасохтори кишвар нобуд шуда, қисме аз онҳо ба барқароркунии фаврӣ ниёз доштанд.

Дар давраи аз соли 1991 то 1997 маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 60,8% поён рафт (Барои муқоиса, - Депрессияи бузурги ШМА-ро дар солҳои сиюми асри 20 фаро гирифта, боиси поён рафтани танҳо аз се як ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ гардидааст).

Дар ин давра, иқтисодиёти Тоҷикистон якчанд хуруҷи баланди таваррумро аз сар гузаронида, ба норасоии зиёди буҷетӣ ва сиёсати на он қадар қавии пулию қарзӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар баъзе аз даврaҳо нархҳои истеъмолӣ то ба 20-25% дар як моҳ зиёд гардиданд. Дар натиҷа низоми молиявии бонкӣ хароб гардид, ки дар навбати худ он ба беқурбшавии пасандозҳои мардум оварда расонд.

Дар натиҷаи амалигардонии ислоҳоти минбаъда, ки мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 сурат гирифт, ба ислоҳоти соҳаҳои гуногун такони ҷиддӣ бахшида шуд.

Баъзе аз нишонаҳои барқароршавии иқтисодиёт дар солҳои 1997-1998 баъд аз гузаронидани ислоҳоти калидӣ ва таъсиси низоми пулию қарзӣ пайдо гардид. Дар он вақт омори расмӣ афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилиро сабт намуда, он мутаносибан ба 1,7% ва 5,3% расид. Дар соли 2000 ин нишондиҳанда аллакай ба 8,3% расид.

Тавре қаблан қайд карда будем, монеаи асосии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ин норасоии шадиди сармоя буд. Бо пасандозҳои дохилӣ дар сатҳи 1,5% ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) ва вуруди ночизи сармояҳои хориҷӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиётро ғайриимкон менамуд.

Кишварҳое, ки ба табдил додани заминаҳои иқтисодӣ машғуланд, ба зарурати рушд дар шароити ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ҷаҳонишавӣ ба дилхоҳ кишвар имкон медиҳад, ки зуд ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ворид гардад. Ба кишварҳое, ки дорои иқтисодиёти давраи гузариш мебошанд, аз он ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиат аз ҷаҳонишавӣ ин кушодани кишвар барои бозорҳои байналмилалӣ мебошад.

Вобаста ба ин, Тоҷикистон дар гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ бо назардошти иқтисодиёти хурди худ, дарҳол чораҳои заруриро ҷиҳати ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ андешид.

Маълум буд, ки барои татбиқи барномаҳои барқарорсозии иқтисодиёт ва ислоҳоти бозорӣ, ба Тоҷикистон кӯмаки байналмилалии назаррас зарур буд.

Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои зикргардида узви як қатор созмонҳои байналмилалию молиявӣ гашт.

Нақши асосиро дар ин масъала Бонки Ҷаҳонӣ ва Хазинаи Байналмилалии Асъор бозиданд, ки мунтазам вобаста ба сиёсати макроиқтисодӣ ва сохторӣ, аз ҷумла ислоҳоти корхонаҳо ва бахши бонкдорӣ, молияи давлатӣ ва таъмини усулҳои иҷтимоӣ тавсия дода, инчунин кумакҳои молиявиро дар шакли қарз ва грант барои рушди бахши хусусӣ, бозсозии инфрасохторӣ, таҷдиди корхонаҳои давлатӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ менамуданд.

Дар ин ҷо як муҳимиятро бояд қайд кард, ки – Тоҷикистон бо назардошти ҷойгиршавии мавқеи географияш ва шароити таърихӣ узви Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Осиёгии Рушд, инчунин Бонки Исломии Рушд гардид.

Дар ин ҷода маълумоти мухтасар дар бораи натиҷаҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявию қарзӣ дар зер манзур мегардад.

Руйхати
Созмонҳои байналмилалии молиявие,
ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви онҳо мебошад

Номи созмон	*Санаи узвият*	Лоиҳаҳо	Маблағи умумӣ
Хазинаи Байналмилалии Асъор	1996	5	388,7 млн. долл.
Бонки Ҷаҳонӣ	1993	98	840 млн. долл.
Бонки Осиёгии Рушд	1998	90	1,4 млрд. долл.
Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд	1993	114	694 млн. долл.
Бонки Исломии Рушд	1996	57	452,3 млн. долл.
Бонки Аврупоии Рушд	2009	2	32,0 млн. долл.
Умумӣ	-	-	**3,807 млрд. долл.**

Ин намуна аз он омилҳо буданд, ки таъсири худро ба пурзур намудани институтҳои давлатӣ ва шароити муносиб баҳри ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва фазои мусоиди тиҷорат расониданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сармоягузорони хориҷӣ хеле эҳтиёткор мебошанд, худро ба хатар нагузошта, ба кишварҳои дигар намераванд, агар шартҳои ҳатмии зерин риоя карда нашаванд.

Аз ҳама муҳимашон инҳо мебошанд:

- оромии сиёсӣ ва амнияти дохилӣ, риояи тартиботи ҳуқуқӣ;

- институтҳои либералӣ барои фаъолияти тиҷоратӣ;

- мавҷудияти рушди инфрасохтори кофӣ ва сиёсати хуби макроиқтисодӣ, ки ба муваффақгардии нархҳои устувор равона шудааст.

Дар ин маврид, маълум аст, ки ҳамгироии ҷаҳонишавӣ дар навбати худ як қатор оқибатҳои манфии худро дорад. Афзоиши ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷомеа, ки дар натиҷаи мубодилаи иттилоот, ақида, технология, маҳсулот, хизматрасонӣ, сармоягузорӣ, инсонҳо ва инчунин бо шарофати амалишавии фаъолияти муштарак байни кишварҳо ба амал меояд, ба ғайр аз манфиат барои рушди тамаддун, паҳлӯҳои гуногуни хатар ва хароҷотро доранд. Яке аз хавфҳои асосии раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ – паҳншавии босуръати бӯҳронҳо дар иқтисодиёт мебошад. Аз ин рӯ, дар сурати набудани сиёсати дахлдор, вазъи иқтисодӣ дар кишвар метавонад хеле ноустувор гардад. Ин ноустувории эҳтимолӣ бо пасту баландшавии даромадҳо, масъалаи ҷаҳонишавиро шубҳанок мегардонад. Ба ғайр аз таъсир ба сатҳи даромадҳо, дигар хавфҳо ҳам вуҷуд доранд. Бисёре аз шахсоне, ки бар зидди ҳамгироӣ мухолифат мекунанд, дар бораи таъсири он ба фарҳанг, муҳити зист - серташвиш буда, нигарон ба бемориҳои сироятӣ, ҳаракаткунии одамон ва паҳншавии терроризму экстремизм мебошанд.

Барои паст намудани оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ, ба кишварҳо таъсиси сохторҳои институтсионалӣ ва сиёсати дахлдор лозим аст, ки дар навбати худ онҳо, ба воситаи иштирок дар бозорҳои байналмилалӣ, низ метавонад худ ҳам таҳким гарданд.

Вазифаҳои муҳимтарини Тоҷикистон – ба пуррагӣ истифода бурдани ҷойгиршавии ҷуғрофии муфид ҳамчун пули транзитӣ байни Аврупо ва Осиё, воқеъ дар маркази алоқаи фаромарзӣ - АвруОсиё, инчунин васеъ намудани иқтидори гидроэнергетикии худ барои қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи кишварҳои минтақа дар барқ аз лиҳози

экологӣ безарар, барқароршаванда ва нисбатан арзон, ба шумор мераванд. Дар ин замина, татбиқи саривақтии лоиҳаи КАСА-1000 яке аз нақшҳои асосӣ мебошад.

Дар хотима, бояд қайд кард, ки манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти сохторӣ дар самти истеҳсоли байналмилалии кишвар ҷиҳати баланд бардоштани ҳиссаи содиротии моли истеҳсолшаванда ва маҳсулоти кишоварзӣ бо дараҷаи баланди коркардро талаб менамоянд.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо, андешидани чораҳои зарурӣ барои рушди минбаъдаи институтҳои бозорӣ, тағдиди сохтори иқтисодӣ ва фаъол намудани сиёсати иқтисодии хориҷӣ зарур мебошад.

Имрӯз, мо гуфта метавонем, ки дар ҳамаи кишварҳои дорои иқтисодиёти дар давраи гузариш қарор дошта марҳилаи аввали ислоҳот гузашт ва тағйироти идоракунии сиёсӣ ва иқтисодӣ, низоми иқтисодии миллӣ анҷом дода шудааст. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд: «Дарҳои Тоҷикистон, ба ҳамаи онҳое, ки бо сулҳ, тафрибаи универсалии худ, технологияҳои нав ва дониши ба ҳазорсолаи нав нигаронидашуда пеши мо меоянд – кушода мебошанд».

ХУДОБЕРДӢ ХОЛИҚНАЗАР,
Директори Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои
сиёсатшиносӣ

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ буда, дар ҳифзу таҳкими давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллии он аҳаммияти таъйинкунанда дорад. Нақши сиёсати хориҷӣ хусусан, дар ҳифзи истиқлолияти давлатии ҳар кишвар муҳим буда, умуман, доштани сиёсати хориҷӣ худ яке аз нишонаҳои асосии истиқлолияти ҳар давлат аст.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ даврaҳои асосии ташаккули худро аз сар гузаронида, марҳила ба марҳила ба як мактаби усулманд, суфта, коркардшуда ва таҷрибашудаи сиёсӣ табдил гаштааст. Аз ин рӯ, имрӯз метавон дар бораи таҷрибаи амалии татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як мактаби ташаккулёфтаву таҷрибашуда суҳбат намуд.

Бешубҳа, бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибисиқлол Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Бо кушишу ғайрати ин абармарди миллат баъд аз интихобашон дар Иҷлосияи таърихии XVI ба ҳайси Сарвари давлат дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон рӯзҳо дар шакли Муроҷиатномаи Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, садо дод.

Аз рӯзи аввали интихобашон Сарвари давлат ба Созмони

Миллаи Муттаҳид дархостнома ирсол намуд ва ҳоҳиш кард, ки намояндагони Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон омада вазъияти сиёсиро аз наздик мушоҳида намуда ба кишвар барои баргардондани гурезагон ҳамаҷониба кумак намоянд, чунки Сарвари давлат, пеш аз ҳама, дар бораи сарҷамъ кардани миллат ва таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон, ғамхорӣ мекард.

Аз аввали соли 1993 то имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июни соли 1997 ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини суботи сиёсӣ дар кишвар, баргардондани гурезагон ба Ватан, шурӯъи музокироти сулҳу бо мухолифон ва имзои Созишномаи сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ буд. Асосгузори ин Консепсияи сулҳмевар ва ваҳдатофарин абармарди миллат Эмомалӣ Раҳмон буд.

Барои амали намудани ин Консепсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарони кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Афғонистон, Ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Покистон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Иттиҳодияи Европа диду боздидҳои зиёде барпо намуд. Бо заҳматҳои зиёди Сарвари давлат ин Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар дурустии худашро дар ҷараёни имзои Созишномаи сулҳ дар таърихи 27 июни соли 1997 комилан собит намуд. Ин аст, ки миллати ҷабрдидаи тоҷик, ки солҳои дароз аз ҷанги таҳмилӣ зарҳ мекашид, барҳақ ҳануз баъд аз имзои Созишномаи сулҳ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро - Асосгузори сулҳ ва Ваҳдати миллӣ номида буданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад имзои Созишномаи сулҳро бузургтарин дастоварди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда буд.

Дар даврони баъд аз низоъ ва шурӯъи бозсозӣ дар кишвар дастоварди муҳими дигари сиёсати хориҷии Тоҷикистон ин ба тадриҷ коркард ва мушаххас шудани асосҳои назариявӣ ва методологии он мебошад. Албатта, арзишҳои бузурги умумибашарие чун дӯстӣ, бародарӣ, таҳаммул, эҳтироми мутақобил, ҳамсоягии нек ва ғайра, ки гузаштагони мо дар тамоми тӯли таърих яке аз парчамдорони он будаанд, аз

аввалин қадамҳо дар меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистон қарор доштанд. Аммо, бо вуҷуди ин, сиёсати хориҷии мо дар оғози худ аз пешзаминаҳои коркардшудаи назариявӣ ва методологӣ бархӯрдор набуд. Бинобар ин, ташаккули ин ҷанбаи бунёдии сиёсати хориҷӣ, ки ҳанӯз ҳам идома дорад, маҳз маҳсули замони истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Ҳангоми баррасии бунёдҳои назариявӣ ва асосҳои методологии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ин давра таваҷҷуҳ ба нуктаҳои зерин шуда буд:

Якум. Аз назари арзишӣ ва рӯҳия, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти сулҳҷӯёна ва дӯстона дорад, ки ин нуктаи муҳим дар Конститутсияи давлат ба таври мушаххас сабт шудааст. Яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати комилан сулҳдӯстонаро пеш бурда, мусоидат ба таҳкими сулҳу субот дар тамоми сайёраро яке аз рисолатҳои асосии худ медонад. Ин рӯҳияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзишҳо ва рӯҳияи тамоми тамаддуни чандҳазорсолаи мардуми тоҷик ва ахлоқу иродаи имрӯзаи ҷомеаи моро, ки маҳз бо паёми сулҳу дӯстӣ вориди саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ шудааст, ифода мекунад. Бинобар ин, дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кишвари ҷаҳон ҳамчун кишвари бад ва ё душман таъриф нашуда, муносибатҳои Тоҷикистон бо ҳеҷ кишвар бар пояи хусумат бунёд наёфтааст.

Мувофиқи банди 2.12. Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки низоми нави ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ аз ҷангу низоъҳо, хушунату зӯроварӣ ва таассубу бадбинии милливу диниву тамаддунӣ комилан озод бошад ва ба ҳамкориву шарокати баробар ва мутақобилан судманди ҳамаи кишварҳои ҷаҳон асос ёбад, ҳама гуна таҳдидҳо бар сулҳу субот ва амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда ва дар асоси аҳкоми ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи СММ ҳамчун созмони асосии танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ бартараф карда шаванд.»

Дуюм. Аз назари моҳияти фалсафӣ ва мақсудӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон як сиёсати манфиатмеҳвар мебошад. Меҳвари асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон

ташкил медиҳад ва ё ба ибораи дигар, манфиатҳои миллӣ дар маркази сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтаанд.

Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид пешбинӣ менамояд, ки «ҳадафи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҳифзи манфиатҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, он аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори ҳамаҷонибаи мамлакат, мусоидат ба таҳкими беш аз пеши пояҳои истиқлолияту соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ва кӯшишҳои пайгирона ҷиҳати дарёфти ризоят ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар амалӣ мегардад.»

Дар Консепсияи нави сиёсати хориҷии ҶТ, ки аз оғози соли 2015 татбиқ мешавад, мафҳуми манфиатҳои миллии Чумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ бозкушоӣ шудааст, ки пеш аз ҳама, арзишҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он; эҷоди навори амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар;
- инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар;
- таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар;
- таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар;
- тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд;
- мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар.»

Сеюм. Аз назари равиш ё методология сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар воқеънигарӣ ё прагматизми сиёсӣ

асос ёфта, ба масъалаи манфиатҳои миллӣ ва робита бо ҷаҳони берунӣ маҳз аз дидгоҳи воқеъбинона ва амалгароёна муносибат мекунад. Ин равиш ба он маъност, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ ҳадафҳои ғайривоқеии тахайюлӣ, ормонгароёна ва сирфан идеологӣ нагузошта, маҳз дар асоси воқеънигарӣ ва прагматизми сиёсӣ пеш бурда мешавад. Чуноне, ки дар банди 2.6. Консепсияи сиёсати хориҷӣ зикр шудааст, «бо дарназардошти мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои табииву демографӣ ва сатҳи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии он, сиёсати хориҷии кишвар ба таври воқеъбинона ва амалгароёна ба роҳ монда мешавад.»

Яке аз муҳимтарин нуктаҳое, ки моҳияти прагматикии сиёсати хориҷии моро ба таври барҷаста ифода менамояд, дар боби аввали Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ ворид шудани асли «орӣ будани муносибатҳои байнидавлатӣ аз идеология» мебошад. Ин асл, ки бегумон, яке аз дастовардҳои муҳимми Консепсияи нав аст, сиёсати хориҷии давлатро аз пойбандӣ ва маҳдудияти идеологии сиёсӣ раҳо карда, дар айни замон, имкони ба бӯҳронҳои сиёсию идеологии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гирифтор шудани кишварро пешгирӣ мекунад. Мо аз таҷрибаи таърихӣ хуб медонем, ки масалан, равиши идеологии «дастгирии ҳаракатҳои сотсиалистӣ дар саросари ҷаҳон» барои иттиҳоди Шӯравӣ чӣ гарон тамом шуд ва ҳатто чунин абарқудрати пуриқтидорро аз пой афтонд.

Хулоса, прагматизми сиёсӣ асоси методологии сиёсати хориҷии ҶТ мебошад. Бинобар ин, баъзе изҳори назарҳои эҳсосию идеологӣ, ки гоҳо дар ҷомеаи таҳлилию ва иттилоотӣ садо медиҳанд, назари шахсии коршиносон буда, рӯҳияи консептуалии сиёсати хориҷии кишварро ифода намекунанд. Аз ин рӯ, ба дӯстони хориҷии мо низ зарур аст, ки ҳадаф, мазмун ва рӯҳияи сиёсати хориҷии моро маҳз аз манбаъҳои воқеии он ва аз баёни афроди босалоҳият бардошт намоянд.

Чорум. Асоси дигари бунёдӣ ва чорчӯбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътирофи усулҳо ва арзишҳои пазируфтаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳад. Рӯ овардани сиёсати хориҷии мо ба ин масъала ҳам

ҷанбаи арзишию назарӣ ва ҳам ҷанбаи зарурию амалӣ дорад.

Ҷанбаи арзишии масъала дар он аст, ки маҷмӯаи ҳуқуқи байналмилалии муосир аксари арзишҳои асосии умумибашариро ифода карда, пояҳои асосии сулҳу суботу ҳамзистии халқҳову кишварҳо ва механизмҳои нигоҳдории суботу амнияти ҷаҳониро дар шакли ҳуқуқӣ ифода мекунад. Табиист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати муосиру мутамаддин ва ҳамчун давлати миллии миллати тамаддунофар аксари ин арзишҳоро эҳтиром ва эътироф менамояд ва дар нашри онҳо саҳм мегирад.

Ҷанбаи заруратӣ ва амалии масъала дар он аст, ки маҳз эътирофи қонунгузории байналмилалӣ ва ё қабул кардани қоидаҳои рафтор роҳи ҳар кишвари тозаистиқлолро ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ боз мекунад. Бинобар ин, ҳатто кишварҳое, ки нисбати меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ нигоҳи хосси худро доранд, барои иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ ин меъёрҳои танзими рафторро ногузир эътироф мекунад. Нуктаи дигаре, ки аҳаммияти амалии масъаларо барҷаста месозад, ин аст, ки қонунгузории байналхалқӣ таҷрибаи тӯлонии танзими муносибатҳои байналмилалиро ифода карда, барои кишварҳои тозаистиқлол яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзишӣ ва корбурдӣ ба ҳисоб меравад. Хулоса, аҳаммияти ҷанбаи зарурativу амалии ин масъала нисбат ба ҷанбаи арзишию назарии он камтар нест.

Панҷум. Асли консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ» ташкил медиҳад, ки дар банди 2.5-и Консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ нишон дода шудааст. Ин сиёсат ба ибораи маъмултар сиёсати «дарҳои кушода» номида мешавад, ки ин истилоҳ низ ҳам дар Консепсия ва ҳам дар Паёмҳо ва суханрониҳои барномавии бунёдгузори сиёсати хориҷии кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо корбурд ёфтааст.

Омӯзиши маводу назарҳое, ки солҳои охир дар бораи ин сифати моҳиятии сиёсати хориҷии ҶТ ироа шудаанд, нишон медиҳанд, ки дар доираҳои илмию коршиносӣ дар мавриди мафҳуми «сиёсати бисёрсамта» ва истилоҳи

«дарҳои кушода» фаҳмиша ягона вуҷуд надорад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин масъала ба баъзе нуктаҳои мушаххас ишора гардад:

1.Канори ҳам гузоштани асосҳои назариявию методологии сиёсати хориҷӣ ва заруратҳои амалии кишвар нишон медиҳад, ки дар ин марҳилаи таърихӣ маҳз интихоби сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ метавонад манфиатҳои миллии Тоҷикистонро ба таври беҳтар таъмин намояд. Хусусан, зарурати ҳамзамон таъмин намудани рушди сиёсиву институтсионалӣ, касби ҷойгоҳи сазовори байналмилалӣ, баргузории ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ, гузаштан аз марҳилаи мураккаби эҳёи миллӣ, таъмини амнияти миллӣ дар шароити шиканандаи минтақавӣ ва ғайра тақозо менамуданд, ки Тоҷикистон ҳамзамон бо тамоми самтҳо, марказҳо ва қутбҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳони муосир ҳамкориҳои зарурӣ дошта бошад. Ин аст, ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсати хориҷӣ мактаби сиёсати «дарҳои кушода» ҳамчун равиши таъминкунандаи тавозуни манфиатҳо пеш бурда мешавад.

2. Сиёсати бисёрсамтӣ ҳаргиз баробарии физикиву сиёсию миқёсии сатҳ ва ҳаҷми робитаҳо бо тамоми шариконро ифода намекунад, балки нигоҳи баробари кишвар ба тамоми миллатҳо ва кишварҳои ҷаҳонро ифода менамояд. Яъне, мардум ва давлати Тоҷикистон ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ва шарикони хориҷӣ бо нигоҳи баробар менигарад. Аммо, табиист, ки бинобар воқеиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва ғайра, ҳаҷми ҳамкориҳо ва аҳаммияти ҳамкориҳо бо ҳамагон баробар нестанд. Ин аст, ки дар сиёсати хориҷии мо мафҳумҳое чун шарикони стратегӣ, шарикони табиӣ ва ғайра вуҷуд доранд.

3.Сиёсати дарҳои кушода бештар озодии кишвар дар ҳамкорӣ бо ҳамаи самтҳоро ифода мекунад. Он бештар ҳуқуқи кишвари сиёсатгузор ба доштани робитаҳои мустақилона ба ҳамаи шарикони минтақавӣ ва байналмилалиро инъикос менамояд. Дар шарҳи ин аҳаммияти сиёсати «дарҳои кушода» Роҳбари давлати Тоҷикистон таъкид намудаанд, ки «чунин бардошт дар доираи равандҳои ҳаёти ягонаи байналмилалӣ

фароҳам сохтани имкониятҳои баробар, низоми амниятии фарогир ва мақоми сазовори ҳамаи кишварҳо ва халқҳоро, сарфи назар аз вусъат, нақш ва мартабаи онҳо дар тақсимоти геополитики нерӯҳо, таъмин менамояд».

Таҷрибаи ду даҳсолаи гузашта нишон медиҳад, ки маҳз ҳамкории фаъол бо кишварҳо ва самтҳои гуногун имкон додааст, ки Тоҷикистон муҳимтарин масъалаҳои марҳилаи гузаришро ба таври зарурӣ ҳал намояд.

Ҳамин тавр, ин панҷ бунёди усулӣ, яъне меҳварияти манфиатҳои миллӣ(1), рӯҳияи сулҳомезу дӯстона(2), прагматизми сиёсӣ(3), эътирофи қонунгузории байналмилалӣ(4) ва моҳияти бисёрсамтӣ(5) асосҳои назариявӣ ва методологии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони Истиқлолият ташаккул медиҳанд.

Пешбинӣ мешавад, ки бо гузашти замон ва бо андӯхтани таҷрибаи бештар ин асосҳои назарию методологӣ боз ҳам такмил ёфта, мактаби сиёсати хориҷии кишвар бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба марҳилаҳои нави рушду такомули худ ворид мегардад.

АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА,
доктори илмҳои филология, профессор

ДУРНАМОИ РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 25-соли даврони истиқлоли давлатӣ марҳила ба марҳила фаъол, мутавозин, амалгаро, воқеъбинона, ҳадафмандона, санҷида, устувор, боэътимод, босамар, фарогир ва бисёрсамтӣ шудааст.

Агарчи раванди ташаккули сиёсати хориҷии нави Тоҷикистон амалан дар нимаи дувуми солҳои ҳаштодуми асри гузашта оғоз гардид ва Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои иттифоқии дигар бо истифода аз фурсати муносиби даврони Бозсозӣ ҳуқуқи истиқлол доштан дар сиёсати хориҷиро пайдо намуда буд, сиёсати хориҷии кишвар танҳо пас аз дарёфти истиқлоли давлатӣ ташаккул ёфт ва мустақил шуд.

Тавре ки маълум аст, усули асосии сиёсати хориҷии нави Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19 ноябри 1992 дар Иҷлосияи таърихии ХУ1 дар Хуҷанд аз тарафи Раиси вақти Шӯрои олӣ ва Президенти муҳтарами феълии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар «Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» эълон гардида буданд. Ва онҳо баъдан дар суханронӣ, гузориш, изҳорот, мурочиатнома, мусоҳиба, нишастҳои матбуотӣ, дастуру супоришҳои Сардори Давлат ва Ҳукумат, махсусан дар Паёмҳои ҳамасолаи ӯ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ такмил ёфтанд.

Ва ҳоло бо қаноатмандӣ метавон ёд овард, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи 25-соли даврони истиқлоли давлатӣ марҳила ба марҳила фаъол, мутавозин,

амалгаро, воқеъбинона, ҳадафмандона, санҷида, устувор, боэътимод, босамар, фарогир ва бисёрсамтӣ шудааст ва хадамоти дипломатии тоҷик ва пеш аз ҳама муассисаи асосии он - Вазорати хориҷии он бо сарварии вазири муҳтарам Сироҷиддин Аслов ва ҳамкорони иззатмандашон имрӯз барои иҷрои вазифаҳои муҳимтар ва бузургтаре омода ҳастанд.

Чанде пеш аз ин Президенти муҳтарамамон Ҷаноби олӣ дар рӯзи ифтитоҳи бинои нави вазорати корҳои хориҷӣ дар ҳамин толор гуфта буданд, ки «дар раванди ташаккул ва рушди Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёру мустақил сиёсати хориҷии он нақши бузург дорад» (15 марти 2013).

Чунон ки бармеояд, раванди ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ имрӯз ба марҳилаи наве расидааст. Ва хусусияти барҷастаи он дар марҳилаи ҳозира ин аст, ки дар он рақобати ду майлони асосӣ – ҷаҳони якқутбӣ ва ҷаҳони бисёрқутбӣ ҳарчи бештар ошкортар ва шадидтар мегардад. Имрӯз Афғонистон, Сурия, Ироқ, Либия, Фаластин, Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ на танҳо ба майдони мубориза бо терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, тундгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, балки ба майдони талошҳо барои роҳ ёфтан ва зери назорат даровардани манбаъҳои энергетикӣ ва роҳҳои интиқоли онҳо, касби нуфузи бештар ва мавқеъҳои муносибтари геополитикӣ ва геостратегии бозигарони асосӣ ва кишварҳои манфиатдор табдил ёфтаанд.

Ҳузури зиёда аз бистсолаи гурӯҳи ифротии Толибон ва зуҳури сохтори номниҳоди Давлати исломӣ дар мамлакати ҳамсояи мо Афғонистон, идомаи вазъи ноороми сиёсию низомӣ дар он, ҳамчунин афзоиши хатари густариши бештари тафаккури ифротӣ дар кишварҳои минтақа ва тамоюли гароиши шаҳрвандонашон ба он ва иштирокашон дар воқеаҳои Сурия ва Ироқ моро водор месозад, ки роҳҳои ҳифзи раванди рушди устувори сиёсати хориҷиамон ва таҳкими он дар дурнаморо пайдо бикунем.

Яке аз ин роҳҳои боэътимод ва озмӯда дар таҷрибаи фаъолияти босамари хадамоти дипломатӣ ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ин ба баъд дар муносибат ва ҳамкориҳои худ бо кишварҳои дурру наздик ва созмонҳои

минтақавӣ ва байналмилалӣ дониста ва огоҳона амал намояд. Мутаассифона, ин асли бисёр муҳим дар робитаҳои байналмилалӣ дар гузашта на ҳамеша риоят мешуд. Дурусташ, аз ин асл дар таъсири ин ва ё он омил, ғолибан сиёсӣ ва ибнулвақтӣ (конъюктурӣ), сарфи назар карда мешуд. Дар натиҷа муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чанде аз кишварҳои ҳамсоя ва дурру наздик ва созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ на танҳо барор надошт ва самараи матлуб надод, балки ба тадриҷ сард гардида, ба дараҷаи муқовимат, эҷоди монеа ва «ҷангҳои матбуотӣ» расиданд. Барои мисол, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон санади дипломатии дар зоти худ нодир «Созишнома оид ба дӯстии ҷовидона миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро ба имзо расонда буд. Аммо дар солҳои баъдина сатҳи муносибат ва ҳамкориҳои мо бо ҳеч кишвари дигаре ба ин дараҷа поён нарафтааст. Дар навбати аввал, тавре ки бароятон маълум аст, давлати ҳамсоя якҷониба низоми раводидро ҷорӣ кард, баъд дар марзи худ бо Тоҷикистон мина хобонид, дар сарҳад низоми рафтуомадро сахт ва оқибат дар интиқоли молҳо аз тариқи қатора ва мошин монеа эҷод намуд. Ва солҳои охир «ҷанги иттилоотӣ»-ро дар бораи хатар ва зарари эҳтимолии бунёди Истгоҳи барқи обии Роғун оғоз намуда, дар замина шурӯъ ба иқдомоти дипломатӣ дар сатҳи СММ ва ниҳодҳои дигари минтақавӣ ва байналмилалӣ кард.

Ва ё мисоли дигар, ҳодисаи расман шарики стратегӣ эълон намудани Федератсияи Русия ва бастани умеди аз ҳад зиёд ба ҳамкориҳои густурда ва дар сатҳи баланд бо ин мамлакат мебошад. Аммо сарфи назар аз кӯшишҳои пайгиронаи тарафи Тоҷикистон ҳанӯз ҳам сатҳи робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии мо бо ҷониби Русия ба дараҷаи матлуб нест. Президенти муҳтарами мо Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли 25 соли даврони истиқлол борҳо ба зарурати доштани ҳамкориҳои густурдаи иқтисодӣ бо Русия таъкид ва аз ҷониби Тоҷикистон изҳори омодагӣ намуда буданд, аз он ҷумла он кас дар яке аз Паёмҳои навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ (30 апрели 2004) бо таассуф зикр карда буданд, ки «сарфи назар аз кӯшишҳои пайгиронаи мо… дараҷаи

ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Русия ба талаботи замон ва манфиатҳои ҳарду мамлакат ҷавобгӯй нест».

Кӯшиши Федератсияи Русия аз ибтидо дар муносибатҳояш бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва на танҳо бо Тоҷикистон, балки бо кишварҳои дигари минтақа низ асосан дар соҳаи низомӣ буд ва ҳамин тавр боқӣ мондааст.

Сатҳ ва мӯҳтавои муносибат ва ҳамкориҳои феълии Тоҷикистон бо Русия ба ҳеч ваҷҳ ба мақоми шарики стратегӣ будан мувофиқат намекунад. Гузашта аз ин вокунишҳои роҳбарони тирози аввали ин кишвар – аз Президент ва раиси Шӯрои Федератсияи он сар карда то сиёсатмадорон, вакилони Думаи давлатӣ, роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандони он ба қазияи парвандаи судии халабонҳои ду ҳавопаймои як ширкати хусусӣ, на давлатӣ, ки ҳарими ҳавоии давлати соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол Тоҷикистонро 12 марти 2011вайрон карда буданд, бармало ошкор сохт, ки Федератсияи Русия дар сиёсати хориҷиаш барои Ҷумҳурии Тоҷикистон - шарики стратегии расмии худ ҳанӯз ҳам ҷойи муносиберо раво надидааст. Агар ин тавр намебуд, раиси Ҳизби либерал Демократи русия Владимир Жириновский ба Вазорати мудофиаи Русия нома фиристода талаб намекард, ки барои озод намудани халабонҳо аз нерӯи низомӣ истифода намояд. Агар гӯем, ки аз ҷаноби Жириновский ҷойи гила нест, вале вақте ки президенти вақти Русия ҷаноби Дмитрий Медведев ва раиси Шӯрои Федератсияи он хонум Валентина Матвиенко бе ҳеч истиҳола ва мулоҳиза ба шарики стратегии худ ҳушдор доданд, ки дар сурати дар зудтарин фурсат озод нашудани халабонҳо, ки яке шаҳрванди Эстония буд, на Русия, «ҷавоби Русия мумкин аст муносиб ва мумкин аст зиёда аз он бошад» («Российский ответ «может быть симметричным, а может быть ассиметричным»), чӣ гӯем. Нафари севум дар мақоми роҳбарии ин шарики стратегӣ хонум Матвиенко таҳдид карда буд, ки «агар садои мо шунида нашавад, Русия аз ҳаққи худ - истифодаи тадбирҳои муассир истифода хоҳад кард («если наш голос не будет услышан, Россия оставляет за собой право применить соответствующие меры») (РИА «Новости», 9 ноября 2011) ва таҳдид намуда буд, ки «ҳанӯз қӯшунҳои ҳарбии Русия, воқеъ дар Тоҷикистон, силоҳ ба

даст нагирифтаанд» («Российские войска, дислоцированные в Таджикистане, пока не поставили в ружье»).

Ё худ сарнавишти номаълуми ниҳоди барои мо бисёр муҳимми Созмони кишварҳои ҳамзабон – Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон низ шаҳодат бар он медиҳад, ки дар вақташ кишварҳои аъзои он, аз ҷумла мо қабл аз таъсиси он масъалаҳои марбут ба онро дуруст ва дақиқ наомӯхта будем.

Муносибат ва ҳамкориҳои дониста ва огоҳона бо кишварҳои дигар ва созмонҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ омӯзиш ва шинохти ҳаматарафа ва амиқи онҳоро тақозо мекунад. Ҳоло замоне фаро расидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои худ ба таври равшан муайян намояд, ки имрӯз бо кадом кишварҳо ва созмонҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ доштани робита ва ҳамкориҳо бештар ба манфиатҳои миллии мо созгор хоҳанд буд.

Аз ин ҷиҳат мавзеъгирии роҳбарияти Тоҷикистон ва сохторҳои дахлдори он, ки феълан бо омӯзиши ҷанбаҳои мусбат ва манфии узвияти созмони Иттиҳоди иқтисодии Аврупоосиёӣ (2014) машғул мебошанд, комилан дуруст ва мантиқӣ мебошад. Вазири муҳтарами корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов ҳангоми сафари расмӣ ба Ҳиндустон дар мусоҳибаи матбуотиашон пас аз зикри чанд омили мавҷуда дар ин замина дуруст таъкид кардаанд, ки «мо дар шомил гардидан ба ҳамагуна созмонҳои иқтисодӣ бисёр эҳтиёт мекунем» (Интерфакс.ру, 14 майи 2016).

Чунин эҳтиёт зарур аст, хусусан, ки давлатҳои аъзои созмони мазкур, аз он ҷумла Белорус, Қазоқистон ва Қирғизистон аз вазъи феълии он қаноатманд нестанд. Барои ҳамин ҳам соли гузашта Президенти Беларус ҷаноби А. Лукашенко ба раисони ҷумҳури Русия ва Қазоқистон пешниҳод карда буд, ки «ташаккули «Иттиҳоди иқтисодии Аврупоосиёиро (ИИАО) расо барои 10 сол ба ақиб партоянд» («отложить формирование «Евразийского экономического союза» (ЕАЭС) на целых 10 лет»), зеро ба бовари ӯ «Русия ва Қазоқистон ба он тайёр нестанд» («Россия и Казахстан к нему не готовы») (ИТАР ТААС).

Зимнан, моро лозим меояд, ки ду лоиҳаи иқтисодии дигарро низ биомӯзем ва тасмими ниҳоиамонро бигирем,

яке – лоиҳаи амрикоии «Осиёи марказии бузург» ва ё «Шоҳроҳи абрешими нав» (2005) ва дигаре – лоиҳаи чиноии «Камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи абрешим» (2013).

Вобаста ба масъалаи шомил шудан ба созмонҳои минтақаие, мисли Иттиҳоди иқтисодии Аврупоосиёӣ, ки дар онҳо ғайр аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ малакатҳои дуру наздики дигар низ аъзо мебошанд, таъкид ба як нуктаи муҳиммеро лозим медонам, ки давлатҳои минтақа масъалаҳое доранд, ки сирф ба онҳо марбут мебошанд ва ба ҳалли саривақтии онҳо танҳо онҳо манфиатдоранд, аз қабили истифодаи оқилона аз захираҳои обу барқи минтақа ва ғ. Ҳеч яке аз созмонҳои фаъоли имрӯза, на Иттиҳоди иқтисодии Аврупоосиёӣ, на Созмони ҳамкории Шанхай, на Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва на Иттиҳоди давлатҳои мустақил масъалаҳои сирф минтақаии моро ҳал накарда буданд ва карда ҳам наметавонанд.

Аз ин ҷиҳат бисёр афсӯс, ки дар вақташ ташаббуси бамавриди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ҷаноби Н.А.Назарбоев дар бораи таъсиси созмони минтақаии вижаи Иттиҳоди давлатҳои Осиёи Марказӣ (2005) аз тарафи баъзе аз кишварҳои минақа дастгирӣ наёфт. Набудани созмони минтақаии вижа дар Осиёи Марказӣ дар он эҳсос мешавад, ки то имрӯз дар миёни кишварҳои минтақа равандҳои ҳамгироии минтақаӣ бисёр заиф мебошанд. Ва ҳанӯз ҳам бо гузаштани 25 сол давлатҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои бисёр муҳим ва зарури таъмини амнияти минтақаӣ, мубориза бо терроризм, экстремизм ва радикализм, муносибат ба Афғонистон ва ғайра мавқеъи ягона ва ҳамоҳангшуда надоранд.

Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки на ҳамаи кишварҳо ва созмонҳое, ки мо мехоҳем бо онҳо робитаи наздик ва ҳамкориҳои босамар дошта бошем, робита ва ҳамкориҳоро бо мо афзал медонанд. Аз ин рӯ ҷониби Тоҷикистонро зарур аст, ки дар дурнамо ба хотири баровардани манфиатҳои миллии худ заминаро барои робитаи наздик ва ҳамкориҳои босамар бо онҳо омода созад.

Барои ин Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои худ муайян бикунад, ки ба ин ё он кишвар ва созмон дар сиёсати

хориҷии худ чӣ мақомеро ҷудо менамояд. Ва ҳамзамон бояд бидонад, ки он кишвар ва созмон дар навбати худ ба ҷумҳурӣ чӣ ҷоеро додааст ва ё доданист. Дар акси ҳол мо муваффақ нахоҳем шуд, ки дар дурнамо низ сиёсати хориҷии мисли имрӯз устувор, собит ва бобарор дошта бошем.

Ғ. МИРЗОЕВ,
н. и. ф., дотсенти
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СУБЪЕКТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

25 сол аст, ки мардуми Тоҷикистон дар зери парчами Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрӣ зиндагиву эҷод мекунад. Истилоҳоти «истиқлолият» ва «соҳибихтиёрӣ» аз мафҳумҳои умдатарини илми сиёсат ба шумор мераванд, зеро бе татбиқи муҳтавои ифодакунандаи онҳо мустақилияти давлат ва соҳибихтиёрии миллат амри воқеӣ шуда наметавонанд. Дигар он, ки давлат ва сиёсат дар ташаккулёбӣ тавъамият дошта, яке бе дигаре шуда наметавонад. Ифодаи мазкур ва маъруфи сиёсатшиносиро ба он хотир зикр карда истодаем, ки эъломи истиқлолият ибтидои ташаккулёбии давлат ва соҳибихтиёрии он ба шумор рафта, оғози ташаккулёбии умуман сиёсати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ва, мушаххасан, сиёсати хориҷии он низ маҳсуб меёбад. Дар ин замина бояд гуфт, ки ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ волотарин арзиши ҳар як кишвар ва ҳар як миллат арзёбӣ мегардад.

Тоҷикистон соҳибихтиёрии хешро ҳоло дар замони шӯравӣ, 24 августи соли 1990, дар арафаи азҳампошхӯрии низоми мазкур эълон карда буд, вале бо ин амал вай ба ҳеҷ як соҳибихтиёрӣ соҳиб шуда наметавонист, зеро Иттифоқи Советӣ ва тартиботи томравои он ҳоло барҳам нахӯрда буд ва Тоҷикистон низ, айни замон, яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба шумор мерафт.

Мустақилият ва соҳибихтиёрии ҳақиқии давлатӣ ва миллӣ баъди қабули Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 9 сентябри соли 1991 амри воқеӣ гардид, ба ташаккулёбӣ оғоз карданд. Сарфи назар аз ин, раванди барнагардандагии онҳо дар натиҷаи қабули Эъломияи 21 декабри соли 1991 дар пойтахти ҳамондавраинаи Қазоқистон ш. Алмаато, ки ба пуррагӣ азҳампошхӯрии Иттифоқи Советӣ ва таъсисёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар худ собит намуд, амалӣ гардид.

Мусаллам аст, ки бо эълон гардидани истиқлолияти давлатӣ дарҳол давлати мустақили воқеӣ арзи вуҷуд намекунад. Доир ба ин хулоса директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. Холиқназар чунин қайд кардааст, ки «25 сол барои таҳкими истиқлоли воқеии як давлат аз лиҳози вақти таърихӣ мисли як сония аст. Агар ин 25 солро таҳлил кунем, мебинем, ки истиқлоли воқеӣ дар Тоҷикистон танҳо баъд аз чопи пули миллӣ дар таърихи 30 октябри соли 2000 ва ба даст гирифтани сарҳадҳои кишвар аз тарафи сарҳадбонони тоҷик дар моҳи декабри соли 2004 ба даст омад» [6,80].

Муҳтавои гуфтаҳои мазкур ба он далолат мекунад, ки ҳар як давлати мустақили тозабунёд бояд аз сари худ, дар ҳамаи соҳаҳо, тағйироти ҷузрӣ ва сифатиро гузаронад. Чунин тағйирот ба муайян кардани чигунагии сиёсат иртиботи зич дорад. Бинобар ин ҳоло дар Изҳороти номбурда мабдаъҳои асосии ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ муайян карда шуда буданд. Масалан, доир ба сиёсати хориҷии кишвар дар изҳороти мазкур чунин омада буд, ки: «Дар муносибатҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад мекунад, дар фаъолияти худ барои расидан ба сулҳи устувор, рафъи силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, имконият надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва тазодҳо байни давлатҳои соҳибихтиёр, рушд бахшидан ба ҳамкорӣ миёни онҳо дар ҳалли мушкилиҳои глобалии дар назди инсоният истода, кӯшиш менамояд» [2, 175].

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сессияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муроҷиат

ва суханронихои Раиси Шӯрои Олии навинтихоби давр Э. Ш. Раҳмонов, Конститутсияи (Сарқонуни) моҳи ноябри соли 1994 қабулгардида, суханронихои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла ҳамоишҳои СММ ва дигар созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ, Паёмҳои Президент ва, ниҳоят, консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили минбаъдаи худро ёфтааст.

Чунон ки маълум аст, тарҳ, сифат ва чигунагии ҳама гуна сиёсат ба субъектҳои он вобастагӣ дорад. Вақте истилоҳи субъект истифода карда мешавад, бояд донист, ки истилоҳи мазкур чиро дар назар дорад? Аслан тарҷумаи субъект ба забони тоҷикӣ шахс мешавад. Хоҳ шахси ҷисмонӣ бошад, хоҳ ҳуқуқӣ. Субъект - шахс дар масъалаи сиёсат ба маънии созанда, татбиққунанда, маърифаткунанда, тағйирдиҳанда, такмилдиҳандаи сиёсат ва ғайра фаҳмида мешавад. Агар бо ифодаи дигар гӯем, субъект офарандаи тамоми унсурҳои созмондиҳандаи ҳаёт ва фарҳанги маънавӣ ба шумор меравад, ки сиёсат яке аз рукнҳои муҳимтарини он маҳсуб меёбад. Дар ин замина таъкид менамоем, ки чигунагии ҳама гуна унсурҳои фарҳанги маънавӣ, аз ҷумла сиёсат низ ба чигунагӣ, яъне сифати субъект алоқамандӣ дорад.

Дар раванди ташаккули сиёсати хориҷӣ падидае арзи вуҷуд менамояд, ки онро муносибати субъекту объект меноманд. Агар объекти моддӣ аз олами моддии худмавҷуд ва беинтиҳо иборат бошад, тамоми объектҳои ҳаёт ва фарҳанги маънавӣ ба субъекти худ иртибот дошта, дар марҳилаи муайяни ташаккули субъект офарида мешавад. Бо дарназардошти муҳтавое, ки иброз доштем, бояд қайд кунем, ки субъект дар офаридан ва татбиқ кардани сиёсати хориҷӣ аҳамияти истисноӣ дошта, дар ҳаракат, тағйирёбӣ ва такмилёбии ҳамешагӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқи ин мавзӯъ низ аз ҳамин иборат аст ва судмандии он низ ба ҳамин алоқамандӣ дорад.

Вақте субъекти сиёсати хориҷӣ мегӯем, бояд ба он мақоми Президент ва дастгоҳи ӯ, ҳукумат, муассисаи қонунгузор, Вазорати корҳои хориҷӣ, созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ки Тоҷикистон ба узвияти онҳо пайвастааст,

тамоми муассисаҳои илмиву таълимии кишвар, ки ба пажӯҳиши масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ машғуланд, раҳбарияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳо, шахсиятҳои алоҳидаи ба сиёсат иртиботдошта, ВАО-ро дохил менамоянд. Субъектҳои мазкур ҳар як дар доираи салоҳиятҳои худ дар таҳия ва роҳандозӣ кардани сиёсати хориҷӣ хоҳ бавосита ва хоҳ бевосита иштирок мекунанд. Вазорати корҳои хориҷӣ, ки яке аз субъектҳои босалоҳияттарини ин ҷода ба шумор меравад, ҳамаи тарҳҳоро меомӯзад, лоиҳаи консепсияро таҳия мекунад ва барои баррасӣ ва тасдиқи мақоми олии давлат пешниҳод менамояд. Баъди тасдиқи мақоми олии давлат, сиёсати хориҷӣ ҳукми расмӣ қабул мекунад ва татбиқ карда мешавад.

Албатта, дар консепсия самтҳои асосии сифатан муҳими сиёсати хориҷӣ муайян ва дарҷ карда мешаванд, самтҳои умдае, ки онҳо хеле кам тағйир меёбанд. Аммо ҳар он чӣ ба мушаххасоти сиёсати хориҷӣ тааллуқ дошта бошад, ки онҳо мудом тағйир ёфта меистанд, кори ҳамарӯза буда, вақти зарурат таҳрир карда мешаванд.

Бо ин гуфтаҳо таъкид карданием, ки сиёсат умуман ва, сиёсати хориҷӣ мушаххасан, арзишҳои қолабӣ, шахшудамонда намешаванд ва аз субъектҳои бевоситаи таҳиякунанда ва татбиққунандаи онҳо тақозо карда мешавад, ки аз ин хусусияти, махсусан, сиёсати хориҷӣ, дар канор намонанд. Ҳамин хусусияти ҷавҳарӣ аст, ки ин соҳа ба мутахассисони заминаи зеҳнии тақозои замони муосирдошта эҳтиёҷ дорад ва ҳамеша хоҳад дошт. Бинобар ин аз субъектҳои ин сиёсат бедории зеҳнии ҳамешагӣ талаб карда мешавад.

Агар ба таърихи ташаккули субъектҳо, аз ҷумла мутахассисини соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ муроҷиат кунем, чунин манзарро мушоҳида менамоем, ки мо, мутаассифона, дар замони шӯравӣ барои ин соҳа соҳибкасбонро тайёр накарда будаем. Сабаби ин, албатта, аз он иборат аст, ки кишвари мо ба мисли дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ танҳо мустақилияти бисёр ночизи нисбӣ дар татбиқи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ дошт, ва аз ҷумлаи ҷавонони мо марказ хеле нодир

мутахассис тайёр менамуд. Бинобар ин мутахассисони соҳа дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ хеле ангуштшумор буданд. Вазорати корҳои хориҷии кишвар низ танҳо ба ном вазорат буд, ки дар он 4-5 нафар кормандон фаъолият мекарданд. Сабаби набудан ё бисёр камшумор будани мутахассисони соҳибкасби дипломатӣ ва муносиботи байналмилалӣ, то ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, аз ҳамин иборат буд.

Ташаккули субъектҳои сиёсати хориҷии ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабл аз ҳама, ба мустақил будани давлат алоқамандӣ дорад. Давлат мустақил ва соҳибихтиёр набошад, иттиҳодӣ ё иттифоқӣ бошад, вай ҳаргиз на сиёсати хориҷии мустақил ва на мақоми субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дошта метавонад. Бинобар ин ва дар ҳамин замина бояд гуфт, ки ташаккули субъектҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне субъектҳои мустақил ва соҳибихтиёри созандаву роҳандозикунандаи сиёсати хориҷӣ баъди қабули Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатӣ ба амалӣ гардидан оғоз кард.

Чунон ки маълум аст, ташаккули сохтори давлати навбунёд, таъмини он бо кормандони босалоҳият, яъне субъектони созанда ва татбиққунандаи ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ амри чандон саҳл нест, зеро ин амал бояд дар заминаи қонуни асосии кишвар роҳандозӣ карда шавад. Таҳияи қонуни мазкур вобаста ба шароити нави бавуҷудомада вақти муайян тақозо мекунад. Хусусияти татбиқ кардани ин амал дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аз он иборат буд, ки шӯравӣ низом ва тартиботи истисноӣ дошт. Қонунҳои он, аз ҷумла қонуни асосии он ба хостаҳои давлати нав, ки низом ва тартиботи сиёсии навро ҷорӣ кардан мехост, мувофиқат намекард. Қабули қонуни асосӣ ва дар заминаи он қонунҳои дигари тақозои давлати нав, чунон ки дар боло зикр кардем, вақт мехост. Бинобар ин ибтидои ташаккулёбии субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ дар як навъ номуайянии нисбӣ ҷараён гирифта буд. Минбаъд ва то ба соли 1994, яъне то ба аз тариқи раъйпурсии умумӣ қабул гардидани қонуни асосии давлат, чунин раванд идома дошт. Вақте қонуни асосии давлат - Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри

соли 1994 қабул гардид, раванди нави мутобиқгардонии тамоми қонунҳои собиқан қабулкардашуда оғоз ёфт. Агар таърихро ба хотир оварем, дар ин муддат Тоҷикистон чанд дафъа шакли давлатдориашро низ иваз карда буд. Масалан, аввал президентӣ, баъд парлумонӣ ва дере нагузашта боз президентӣ эълон гардид ва ғайра, ки ахиран, мувофиқи Конститутсияи (Сарқонкни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли президентӣ истиқрор кард. Ин рухдодҳои ба ҳамагон маълуми таърихро барои он хотирнишон карда истодаем, ки онҳо ба ташаккули субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ бетаъсир набуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ибтидои мустақилият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба замони пуртуғёни муборизаҳои бемаънии ҳарактаҳои мухталиф иртибот дошт, ки, дар натиҷа, ба ҷанги шаҳрвандӣ низ оварда расонид. Тоҷикистон яке аз марказҳое буд, ки дар он бархӯрди манфиатҳои давлатҳову низомҳо бармало мушоҳида мегардид ва онҳо аз ташаккулёфта набудани фарҳанги сиёсии миллати мо истифода мекарданд. Ин вазъи бавуҷудомада низ барои солҳои тӯлонӣ ташаккул ва рушди субъектҳои сиёсати хориҷиро ба таъхир меандохт. Ниҳоят, моҳи ноябри соли 1992 дар ш. Хуҷанд сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардида, дар он ҳукумати нав ташкил карда шуд ва минбаъд, тадриҷан, тамоми сохтори давлатӣ ҷадидан ташаккул дода шуд. Дар назди ҳукумати навтаъсис вазифаҳои басо муҳими расидан ба сулҳу истиқрор, баргардонидани фирориҳои иҷборӣ, боздоштани пастравии босуръати иқтисоди кишвар ва ғайра меистод. Таърихи чорякасринаи гузашта аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи вазифаҳои мубрамтаринро ҳукумат ҳал карда, дар кишвар сулҳу истиқрорро таъмин намуд ва заминаи боэътимоди рушди соҳаҳои мухталифи кишварро ба вуҷуд овард. Дар батни ҳамин раванд тамоми субъектҳои сиёсати хориҷӣ низ ташаккул ёфтанд ва тадриҷан ба сатҳи салоҳияти мавриди тақозо расиданд.

Дар байни субъектҳои сиёсати хориҷӣ, ба назари мо, ки аз ибтидо то кунун мушоҳид ва чанд муддат иштирокчии он будем, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳама марҳилаҳои таҳаввул, назаррастарин буд ва ҳаст. Чунон ки профессор Хидирзода М. қайд мекунад «Дар таърих мисолҳои зиёде маълуманд, ки дар давраи дигаргуниҳои ҷузрии тараққиёти ҷамъият шахсиятҳое пайдо мешаванду миллатҳои комилро аз нобудшавӣ нигоҳ медоранд. Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам маҳз ҳамин гуна шахсият шуд» [6, 95].

Бояд таъкид кард, ки дар ҷараён ва гузашти 25 соли даврони истиқлолу соҳибихтиёрӣ тамоми навъҳои субъектҳои сиёсати хориҷии кишвар на танҳо ташаккул ёфтанд, балки ба таври тақозо рушд карданд ва дар як ҳамоҳангии созанда сиёсати хориҷии кишвар ва муносибатҳои байналмилалии онро татбиқ карда истодаанд.

Барои исботи хулосаҳои мазкур Вазорати корҳои хориҷиро мисол меоварам, ки дар замони шӯравӣ дар он ҳамагӣ 4-5 нафар кор мекарданд. Вақти ба истиқлолият расидан теъдоди кормандон ба 10 -12 нафар расонида шуд. Ҳамаи онҳое, ки солҳои аввали истиқлолият дар вазорат кор мекарданд, ба ҷуз як ё ду нафар, таҷриба ва малакаи кории дипломатияи касбиро надоштанд.

Баъдтар Ҳукумати Тоҷикистон қарор кард, ки теъдоди кормандони вазорат ба 36 нафар расонида шавад. Барои ба кор ҷалб кардани ҷавонони боистеъдод: донандагони забонҳо, кормандони илмии соҳаҳои ба дипломатия наздик ва, умуман, соҳибзеҳнон Вазорат комиссия таъсис дод ва конкурс эълон карда шуд. Ҷаласаҳои комиссия дар Академияи Улум баргузор мегардиданд. Дар натиҷаи санҷишҳои ҳамаҷонибаи воқеӣ ба вазорат чанд нафар ҷавонони боистеъдод, ки баъзеашон унвонҳои илмӣ доштанд, ба кор қабул карда шуданд ва минбаъд онҳо кормандони устухонбанди Вазорат буданд.

Баъд аз он ки теъдоди муайяни давлатҳои ҷаҳон истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд ва муносибатҳои дипломатӣ барқарор карданд, баъзе кишварҳо барои мусоидат кормандони вазорату муассисаҳои давлатиро ба курсҳои дипломатӣ даъват мекарданд, Академияи дипломатии Россия ҳар сол ҷой

ҷудо мекард. Ҳамин тариқ, тадриҷан, ҳайати кормандони тахассусси дипломатӣ ташаккул меёфт.

Вазорат дар бинои парлумон ҷойгир буд ва чандон шароити кории мусоид низ надошт, ба воситаҳои техникии муосир муҷаҳҳаз ҳам набуд. Дар як компутере, ки як саҳифаро дар чанд дақиқа чоп мекард, тамоми матнҳои аҳдномаҳои байнидавлативу байналмилалӣ чоп карда мешуданд.

Азбаски ҳама чиз дар муқоиса арзёбӣ карда мешавад, мо ин мисолҳоро оварда истодаем. Ҳоло бошад, Вазорати корҳои хориҷӣ соҳиби бинои муносиби боҳашамат, утоқҳои кории муҷаҳҳаз бо ҳама воситаҳои техникии муосир мебошад, ки кору фаъолияти дипломатҳоро осон мегардонад.

Ҳамаи ин аз дастовардҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, аз эҳтимоми комили Ҳукумат ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад.

Доир ба дастовардҳои сиёсати хориҷии қишвар сафҳаҳои зиёдро сиёҳ кардан мумкин аст, аммо вазифаи ҳар як пажӯҳиш аз он бояд иборат бошад, ки бештар дар бораи роҳ ва усулҳои боз ҳам беҳтар кардан, боз ҳам равнақ додани сиёсати мудофеи манфиатҳои миллии кишвар пешниҳодоти худро иброз дошта бошад.

Таҳқиқи мавзӯъ нишон медиҳад, ки сатҳи зеҳнии кунунии, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ тағйири на танҳо миқдорӣ, балки сифатӣ низ хӯрдааст, вале он сатҳе, ки фаъолият мекунад, ба назари муаллиф, тақозои боз ҳам болотар бардоштани худро дорад. Албатта, сатҳи зеҳнии кормандон, сатҳи гирифта бурдани музокираҳо, сатҳи дониши забонҳои хориҷӣ, сатҳи баланди таҳияи мукотибаҳои дипломатӣ, сатҳи татбиқи мусоҳибаҳои дипломатӣ ва ғайра дар назар аст. Барои тақвияти ин пешниҳод матни Консепсияи тозақабулшударо мисол мезанем, ки он, ба назари муаллиф, чандон суфта ва умда нест. Масалан, дар санади мазкур самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ бо мафҳуми дипломатия [3, 16-25] ифода карда шудааст, ки он чандон дуруст нест. Бояд гуфт, ки дипломатия олати татбиқ аст, на самти сиёсат. Чунончи, ба ҷойи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба – дипломатияи дуҷонибаву бисёрҷониба, ба

ҷойи муносибатҳои иқтисодӣ – дипломатияи иқтисодӣ ва ғайра омадааст. Истифодаи ин ифодамафҳумҳо на ба муносибат, балки ба татбиқи муносибат алоқамандӣ доранд, ки онҳо дар таҳияи матни минбаъда таҳрир мехоҳанд.

Дигар он, ки вақте ифодаҳои «Тоҷикистон омода аст бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои ҳасана ва ҳамкориҳои судманд дошта бошад» барин муҳтаво андак таҳрир мехоҳад, зеро дар ҷаҳон низом ва тартиботи сиёсии мухталиф, аз ҷумла низомҳои диктаторӣ, низомҳои поймолкунандаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, низомҳои ҳарбиву сиёсии мутааддӣ вуҷуд дошта метавонанд ва бо чунин низомҳо муносибат кардан шояд ба мабдаъҳои пазируфташудаи байналмилалӣ мувофиқат накунад.

Пешниҳоди дигар аз он иборат аст, ки ҳоло макотиби таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшҳои тахассусии соҳаи муносибатҳои гуногуни байналмилалӣ доранд ва ба кор ҷалб кардани ҷавонони лаёқатманд аз тариқи гузаронидани конкурсҳои ҳақиқӣ айни муддао хоҳад буд.

Дигар он ки таҷрибаи аз ҷумлаи ғайридипломатҳо таъйин кардани кормандон, махсусан, дар намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, чандон судманд нест. Ҳузновар аз он иборат аст, ки агар чунин шахсон ба ҳайси роҳбари намояндагии дипломатӣ таъйин гарданд, зертобеони онҳо солҳои хидмати дипломатии худро дар намояндагӣ барабас мегузаронанд ва аз чунин роҳбарон чизе омӯхта наметавонанд. Агар чунин зарурат бошад, ки роҳбари намояндагӣ аз шахсони ғайридипломатӣ таъйин карда шаванд, онҳо ҳатман бояд курсҳои забоназхудкунӣ ва илми дипломатияро гузаранд ва имтиҳон супоранд, ки он барои салоҳи кор мешавад.

Пешниҳоди дигар аз он иборат аст, ки соҳаи дипломатия, дар қатори баъзе соҳаҳои дигар, аз ҷумла илму маориф, набояд собиқадорони бамаърифатро, базеҳнро, босалоҳиятро аз синни расидан ба нафақа ба истироҳат гусел кунад. Ин ба салоҳи кор нест. Дипломатияи комил, илми расо, устодии варзида, дар куҷойе ҳам набошад, дар синни ҷавонӣ ба даст намеояд. Бинобар ин доир ба соҳаҳои мазкур назар бояд куллан тағйир дода шавад, зеро истифодаи

таҷрибаи бузургсиннон ҳам аз назари тарбия ва ташаккули соҳибкасбони ҷавон, ҳам аз назари зеҳну салоҳият бисёр судманд ва муҳим хоҳад буд. Албатта, ҳама гуна калонсолон дар назар нест, балки онҳое, ки сифаташонро дар боло номбар кардем, ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Бояд таъкид кард, ки дар таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон, махсусан, кишварҳое, ки дар масъалаи кадрҳои босалоҳият камбудӣ доранд, ин масъала аз мавзӯъҳои мубрамтарин ба шумор меравад.

Дигар он, ки ҳар як дипломати вазорат, вақте дар намояндагиҳои дипломатӣ кор мекунад, ҳатман бояд дар соҳаи фаъолияти худ рисолае омода кунад, ки он дар ҳаҷми 150-200 саҳифа ва ё зиёда аз ин бошад. Чунин таҷриба аз чанд ҷиҳат судманд мешавад. Аввалан, дипломат дар бораи соҳаи муайян маълумот гирд меоварад, онҳоро ташхис ва таҳлил мекунад, таҳия кардани рисоларо ёд мегирад, зеҳнашро такмил мебахшад ва, аз ҳама муҳим, бойгонии вазоратро бо маълумоти зарурӣ ғанӣ мегардонад.

Чунон ки маълум аст, дар тамосҳои дипломатии ҳамаи сатҳҳо, пеш аз ҳама, мавзӯи ҳимоякунандаи манофеи миллии кишвар бояд муайян ва мушаххас карда шавад, зеро тамосҳои бемавзӯъ ҳеҷ аҳамият надоранд. Ба назари муаллиф ин мавзӯъ низ яке аз масъалаҳои мубрамтарини фаъолияти субъектҳои сиёсати хориҷии кишвар ба шумор меравад. Масалан, бисёр вақт мехонем ва мешунавем, ки теъдоди зиёди аҳдномаҳои байналмилалӣ ба имзо расидаанд, вале натиҷаи ҳамкориҳо чандон самаранок нестанд. Ҳамин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳдномаҳои мазкур дар муҳтавои худ ҳамкориҳои мавзӯъиро дар бар нагирифтаанд. Бинобар ин Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун муҳимтарин субъекти сиёсати хориҷӣ ба ин масъала низ боз ҳам бештар аҳамият зоҳир намояд.

Масъалаи дигаре, ки ҳалли муносиби он ба рушди субъектҳои сиёсати хориҷӣ мусоидат менамояд, аз таъминоти молиявии онҳо иборат аст. Бояд қайд кард, ки муассисаҳои корҳои хориҷӣ, ба назари мо, дар байни тамоми ниҳодҳои давлатӣ мақоми истисноӣ бояд дошта бошанд ва таъминоти молиявии кормандони чунин муассисаҳо лозим аст, то ба таври истисноӣ мавриди баррасӣ қарор

дода шавад, зеро кормандони мазкур кишварро дар хориҷа муаррифӣ менамоянд ва аз лиҳози таъминоти молиявӣ камбудӣ набояд дошта бошанд. Ғайр аз ин, вақте кормандони муассисаи марказии сиёсати хориҷӣ ба намояндагиҳои дипломатӣ ба кор фиристода мешаванд, ба онҳо бояд ду моҳона таъйин карда шавад. Як моҳона мувофиқи мансабе, ки дар муассисаи марказии корҳои хориҷӣ ишғол менамуд, таъйин карда шавад ва моҳонаи дигар бо асъори хориҷӣ мувофиқи сабати истеъмолии кишвари иқомат таъйин карда шавад. Аз моҳонаи якум субъекти сиёсати хориҷӣ андоз аз даромад месупорад, вале аз моҳона бо асъори хориҷӣ андоз набояд супорад. Вақти ба нафақа баромадани субъекти сиёсати хориҷӣ ҳаҷми нафақа аз ҳисоби моҳонаи якуми он таъйин бояд карда шавад, то ин ки вай нафақаи ба вазифааш мувофиқро гирифта тавонад.

Ҳамчунон бояд қайд кард, ки дар ҳама соҳаҳои фаъолият зеҳн, малака ва салоҳият тақозои зарурӣ ва муҳимтарин ба шумор меравад. Бинобар ин ташаккули ҳар як субъекти сиёсати хориҷӣ бе иштироки арзишҳои мазкур имконпазир буда наметавонад. Расидан ба онҳо, чунон ки Арастуи ҳаким ҳоло дувуним ҳазор сол муқаддам фармудааст, ба «худтакмилдиҳӣ ва боло бардоштани маҳорати касбӣ» алоқамандӣ дорад [1, 50].

Адабиёти истифодашуда

1. Батлер-Боуден Т. 50 великих книг по философии / Том Батлер-Боуден; [пер. с англ. К. Савельева]. – М.: Эксмо, 2014. – 576 с.
2. Заявление о государственной независимости Республики Таджикистан//Дипломатия Таджикистана: Информационный бюллетень. – 2002. - № 2.
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, № 332 тасдиқ шудааст. – 82 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 54 с.

5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Рӯзномаи «Минбари халқ», № 3 аз 20 январи соли 2016.
6. Файзи истиқлол -25. – Душанбе, - «Маориф», 2016. - 480 с.
7. www/mfa/tj (Дастовардҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

БАБАДЖАНОВА М.М.,
Директор Информационно-ресурсного центра ООН,
Зав. Кафедрой ЮНЕСКО «Межкультурный диалог в современном мире»
Российско-Таджикский (Славянский) университет,
доцент, к.и.н.

ВЕХИ ИСТОРИИ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАН – ЮНЕСКО

В Министерство иностранных дел Республики Таджикистан я была приглашена на работу в июне 1994 г. на должность заведующей отделом СНГ. А в апреле 1995 года меня назначили советником отдела Национальной комиссии Республики Таджикистан по делам ЮНЕСКО (Нацкомиссия) МИДа. Так, с этого времени я стала заниматься вопросами продвижения и укрепления сотрудничества между молодым независимым Таджикистаном (ставшим членом ЮНЕСКО 9 апреля 1993 г.) и Организацией ООН по образованию, науке и культуре. В 1998 г. была назначена зав. отделом ООН, затем в 2001 г. – зам. начальника Управления международных организаций МИД РТ. А в феврале 2003 г. я вернулась в Нацкомиссию РТ по делам ЮНЕСКО в качестве Ответственного секретаря, где проработала до ноября 2007 г. Почти за неполные пять лет было сделано немало по укреплению сотрудничества между ЮНЕСКО и Таджикистаном, но в данной статье я постараюсь отразить наиболее важные вехи.

Это было удивительное время, так как сама ЮНЕСКО – это особая организация, которой ООН поручало и доверяло подготовку и проведение многих важных событий: Международного десятилетия культуры мира и ненасилия в

интересах детей планеты (2001-2010 гг.), Международный год сближения культур (2010), Международного десятилетия сближения культур (2013-2022 гг.) и многое другое.

2003 год для меня сразу начался организацией подготовки и проведения Международной конференции «Роль женщин в межкультурном диалоге в Центральной Азии» (11-13 июня 2003 г., г. Душанбе). Конференция проводилась в рамках проекта ЮНЕСКО «Межкультурный диалог в Центральной Азии».

Работе Конференции была дана высокая оценка ЮНЕСКО. Ее итогом стало: проведение форума женских НПО Центральной Азии, открытие веб-сайта, посвященного женщинам, работающих в сфере образования, науки, культуры и средств массовой информации [4].

2003 г. в истории сотрудничества Таджикистана и ЮНЕСКО стал знаменателен, главным образом и тем, что в период работы Генеральной конференции ЮНЕСКО в октябре делегация Таджикистана, после проведенной работы и переговоров, добилась того, что уже в ноябре ЮНЕСКО провозгласило «Музыку Шашмаком – шедевром устного нематериального наследия человечества». Критериями при отборе послужили исключительная ценность, истоки культурной традиции, признание культурной идентичности, источник вдохновения и межкультурного обмена, современная культурная и социальная роль, исключительное мастерство и навыки исполнения, уникальность живой культурной традиции и риск исчезновения.



Шашмаком стал одним из шедевров, благодаря исключительной ценности как основной формы музыкального классического выражения, его систематическое разнообразие является настоящей музыкальной энциклопедией, а структура и логика – величайшее явление.

Одним из аргументов при ведении переговоров стало и то, что делегация подчеркнула, что Указом Президента Таджикистана (№294) еще в 2000 году 12 мая был объявлен Днем Шашмакома в республике и является свидетельством того, какое огромное внимание уделяет Президент и руководство страны этому направлению культуры – нематериальному наследию. В ноябре 2006 г. в г. Душанбе прошел Международный фестиваль исполнителей классической музыки Шашмаком, организованный Национальной комиссией и поддержанный Президентом Таджикистана и Правительством страны [2, с.48-52; 8]. Наша Родина богата памятниками материального и духовного культурного наследия, заслуживающих мирового признания. Нами был представлен в ЮНЕСКО список для дальнейшего рассмотрения, в который вошли Фалак, музыка Зеравшана, памирские танцы и др., которые необходимо готовить и продвигать на такую важную и высокую номинацию.

«Душанбе – город мира» – сегодня для таджикистанцев и жителей столицы это словосочетание стало привычным выражением. Но добились мы этого по поручению Президента Таджикистана Эмомали Рахмона и после кропотливой работы.

Премия ЮНЕСКО Города мира отдает дань уважения инициативам муниципалитетов, полностью соответствующим целям Плана действий Всеобщей декларации ЮНЕСКО по культурному разнообразию [1, с.72-78].

ЮНЕСКО все больше поддерживает культурную политику, направленную на установление долговременного мира на основе подлинного диалога и взаимообогащения различных культур.

Душанбе – столица Республики Таджикистан была представлена Национальной комиссией РТ на премию ЮНЕСКО – Города мира – по следующим акциям (из 10):

1. Толерантность как основа культуры мира;
2. Навруз – сотрудничество, единение и мир;
3. Сохранение культурного наследия – История города Душанбе;
4. Зеленое кольцо столицы.

В сентябре 2004 года в г. Барселона (Испания) была вручена эта высокая награда Душанбе – столице Республики Таджикистан – первая премия по Азиатско-Тихоокеанскому региону за 2002–2003 гг.

Душанбинцы доказали приверженность делу мира и толерантности в период жесточайшего противостояния 1992 - 1997 гг. Несмотря на значительные потери и в материальной сфере, и в области человеческих ресурсов, Душанбе не просто выстоял, но и смог сплотить всех жителей республики.

На протяжении этих грозных лет он стал центром миротворческого процесса и катализатором общественного сплочения.

Для таджикистанцев это не просто премия и почетное звание. Это, прежде всего, и обязанность каждого гражданина сохранять и преумножать то богатство и в культуре, традициях, обычаях, соблюдая принципы Всеобщей декларации ЮНЕСКО о культурном разнообразии [1, с.72-78], передавать будущим поколениям принципы толерантности, культуры мира, межкультурного межрелигиозного диалога. А приз Золотая веточка, присуждаемая городам-поборникам мира, выполнена таджикским скульптором Амри Аминовым, который в 2010 г. получил Премию ЮНЕСКО «Художник мира» [2, с.40-43; 8].

Соблюдая хронологию, хочу отметить, что в том же 2004 г., при поддержке ЮНЕСКО, Национальная комиссия открыла в Российско-Таджикском (Славянском) университете первую в республике Кафедру ЮНЕСКО – «Межкультурный диалог в современном мире» [7]. Вторая Кафедра ЮНЕСКО «Музей фортификации истории» была позже открыта в Ходжентском государственном университете. К сожалению, сегодня в стране работает только одна Кафедра ЮНЕСКО в РТСУ.

Основная цель деятельности Кафедры – организация научно-исследовательских работ в области проблем межкультурного диалога; внедрение теоретических положений научно-исследовательской работы в практику учебно-воспитательной деятельности студентов.

Национальной комиссией совместно с Кафедрой ЮНЕСКО в 2007 году было разработано и издано учебное пособие«Калейдоскопкультур»,котороебылорекомендовано ЮНЕСКО его странам-членам в качестве учебного пособия, выставлено на сайте ЮНЕСКО и опубликовано в буклете организации. А в Российско-Таджикском (Славянском) университете читается, разработанный Кафедрой ЮНЕСКО и спецкурс «Межкультурный диалог» [2; 7]. Начиная с 2003 г. в республике стало традицией ежегодно отмечать Международный день родного языка, объявленный ЮНЕСКО на ее 30-й сессии Генеральной конференции. И эту традицию начала Национальная комиссия РТ по делам ЮНЕСКО.Представители разных нацио-нальностей, проживающих в Таджикистане в этот день приходили в Нацкомиссию, считая ее родным домом [7; 2, с.18-21].

В истории укрепления сотрудничества между Таджикистаном и ЮНЕСКО 2005 г. также стал особым годом. Наиболее значимые события – Международный фестиваль по культурному разнообразию и диалогу в Центральной Азии и День Таджикистана в штаб-квартире ЮНЕСКО [2, с.32-35; 7].

Фестиваль проходил с 24 мая по 1 июня. В день открытия фестиваля было подписано Соглашение

Табиист, ки то таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномахои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав, қонунҳои пештар қабул гардида дар танзими муносибатҳои шартномавӣ-байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бурду бохти хешро доро буданд.

Албатта, омода намудани чунин як санади меъёрии ҳуқуқӣ, дар як вақт ҷавобгӯ ба талаботи қонунгузории дохилӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ кори саҳлу осон нест. Бахусус дар ҳолате, ки нисбат ба санади меъёрии ҳуқуқии мазкур натанҳо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» балки муқаррароти Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969 низ бевосита татбиқ мегардад. Дар ин вазъ аз як ҷониб талаботи қонунгузории дохилӣ ва аз ҷониби дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон водор менамоянд, ки мазмун ва меъёрҳои Қонун ба ҳам мувофиқат намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамагуна лоиҳаи қонунҳои

соҳавӣ бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳое, ки дар фазои ягонаи ҳуқуқӣ қарордоранд (масалан, минтақавӣ, байниминтақавӣ) бо истифода аз услуби қонунгузории намунавӣ (моделӣ) омода мегарданд. Ҳангоми омодасозии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҷрибаи кишварҳои паҳнои ИДМ ба инобат гирифта шудааст. Танҳо дар доираи ИДМ аз ҷониби Ассамблеяи байнипарламентиии ИДМ зиёда аз 340 ҳуҷҷат, қонунҳои намунавӣ, санадҳои кодификатсионӣ қабул гардидаанд, ки давлатҳои узв дар қонунгузории дохилӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун аз муқаррароти он истифода менамоянд.

Дар Қонуни зикршуда охирин амалия ва таҷрибаи ҷойдошта вобаста ба раванди мувофиқакунонӣ, парафгузорӣ, баимзорасонӣ, назорати иҷро, боз доштани амал, бекор кардани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои бо ин марҳилаҳо дахлдошта бо дарназардошти бурду бохти қонунҳои қаблӣ ба инобат гирифта шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав, дорои як қатор навгониҳое мебошад, ки дар қонунҳои қаблан қабулгардида пешбинӣ нашуда буданд. Аввало, Қонуни мазкур (қ.2 м.1) тафовути дақиқ байни шартномаи оммавӣ-ҳуқуқӣ (байналмилалӣ) ва шартномаи хусусию ҳуқуқӣ гузошт, ки дар ин хусус доираи амали Қонуни мазкурро мушаххас кард. Баъдан дар Қонун як қатор мафҳумҳо, аз қабили парафгузорӣ, бастани шартномаи байналмилалӣ, тасдиқ, феҳристи давлатии шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра пешбинӣ шудаанд, ки дар чунин шакли фаҳмо баррасӣ ва пешниҳод шудани категорияҳои ҳуқуқӣ дар қонунҳои пештарамалкунанда ифода нашуда буданд.

Ин Қонун дар таҳрири нав ба таври дақиқ ва мушаххас муайян кард, ки шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз намудҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чунин тарзи баррасии масъала ба ҳамагуна фаҳмишҳои духурагии

то ин вақт мавҷуда дар қонунгузорӣ ҷойдошта, хотима хохад гузошт. Аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 декабри соли 1999 (қ.2 м.4) истифодаи духурагии «шартномаи байналмилалӣ» ва «санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» ҷойдошта буд.

Навгонии дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав дар он аст, ки ваколати Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар гузаронидани ташхиси лоиҳаи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври мушаххас муайян кардааст.

Аз ҷумла, дар хусуси мақсаднок будани шартномаҳои байналмилалӣ аз нигоҳи сиёсати хориҷӣ Вазорати корҳои хориҷӣ хулоса медиҳад. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мувофиқати муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи ҳуқуқиро анҷом медиҳад.

Яке аз навгониҳое, ки дар Қонун пешбинӣ шудаанд, ин назорати иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ, андешидани чораҳо вобаста ба риоя нагардидани шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори онҳо мебошад, таклифҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби бастани шартномаҳои байналмилалӣ, иҷрои функсияи маҳфуздоранда ва ғайра ба шумор мераванд.

Дигар навоварие, ки дар Қонун ифода ёфтааст, ин татбиқи муваққатии шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар қонуни пештараамалкунанда ҷой надошт. Яъне акнун тибқи муқаррароти қонуни мазкур (м.12) Шартномаҳои байналмилалӣ ё муқаррароти алоҳидаи онҳо дар қисме, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, то эътибор пайдо намудани онҳо муваққатан татбиқ мегарданд, агар чунин тартиб дар шартномаҳои байналмилалӣ пешбинӣ шуда бошад.

Масъалаи интихоби озоди забони шартномаи байналмилалӣ хамчун принсипи ҳуқуқи шартномаи

байналмилалӣ таҷассуми бевоситаи хешро дар моддаи 6 Қонун ёфтааст.

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав асоси ҳуқуқии танзими муносибатҳоро дар ҷараёни ба имзо расонидан, тасдиқ (ратификатсия), тасдиқ, ҳамроҳшавӣ, бақайдгирӣ, интишор, иҷро намудан, бекор кардан (денонсатсия) ва боздоштани амали шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва муқаррар кардааст.

Таҳаввулоти геополитикию геоиқтисодӣ ва равандҳои рушдёбандаи ҷаҳони муосир моро водор месозанд, ки дар бастани шартномаҳои байналмилалӣ аз тамоми имкониятҳо ва воситаҳо истифода бурда, пешбурди фарогири манфиатҳои миллиро таъмин намоем.

JOINT COMMUNIQUÉ
ON THE ESTABLISHMENT OF DIPLOMATIC RELATIONS
BETWEEN
THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF NICARAGUA

The Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Nicaragua,

With the purpose to promote mutual understanding and to strengthen the friendship and cooperation among their two peoples,

On the basis of the International Law in particular, the purposes and principles of the Charter of the United Nations relating the promotion of the international peace and security, the respect of national sovereignty, equality among States, independence, territorial integrity, international treaties and non-interference in the internal affairs of States,

Have decided to establish diplomatic relations at ambassadorial level, in accordance with the provisions of the Vienna Convention on Diplomatic Relations of 18 April 1961, as of the date of the signing of this Joint Communiqué.

In witness thereof, the undersigned representatives, duly authorized by their respective Governments, have signed in duplicate this Joint Communiqué in New York, on 30 March 2016, in two originals, in English and Spanish all texts being equally authentic.

For the Government of the Republic of Tajikistan

H.E. Mr. Mahmadamin MAHMADAMINOV
Permanent Representative of the Republic of Tajikistan to the United Nations

For the Government of the Republic of Nicaragua

H.E. Mrs. Maria Rubiales de Chamorro
Deputy Minister of Foreign Affairs
Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary, Permanent Representative of the Republic of Nicaragua to the United Nations

COMUNICADO CONJUNTO

Sobre el Establecimiento de Relaciones Diplomáticas

Entre

La Republica de Tayikistán
Y
La Republica de Nicaragua

La República del Tayikistán y la República de Nicaragua, deseosos de fortalecer las relaciones de amistad existentes entre los dos países y promover la cooperación de beneficio mutuo y sobre la base del respeto mutuo y los principios de soberanía, integridad territorial y no injerencia en los asuntos internos asuntos de los estados.

Guiada por los propósitos y principios de la Carta de las Naciones Unidas y la Convención de Viena sobre Relaciones Diplomáticas de 18 de abril de 1961.

Han decidido establecer relaciones diplomáticas a nivel de Embajadores, con efectos a partir de la fecha de la firma del presente Comunicado Conjunto.

En fe de lo cual, los plenipotenciarios suscritos, debidamente autorizados por sus respectivos gobiernos, han firmado el Comunicado Conjunto.

Hecho en Nueva York el 30 de Marzo, 2016

Por el Gobierno de la
Republica de Tayikistán

S.E. Sr. Mahmadamin Mahmadaminov
Representante Permanente de la Republica
de Tayikistán antes las Naciones

Por el Gobierno de la
Republica de Nicaragua

S.E. Sra. María Rubiales de Chamorro
Viceministra de Relaciones Exteriores
Embajador Extraordinario y Plenipotenciario
Representante Permanente de la Republica
Nicaragua ante las Naciones Unidas

JOINT COMMUNIQUÉ
ON THE ESTABLISHMENT OF DIPLOMATIC RELATIONS
BETWEEN
THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF HAITI

The Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Haiti,

With the purpose to promote mutual understanding and to strengthen the friendship and cooperation among their two peoples,

On the basis of the International Law in particular, the purposes and principles of the Charter of the United Nations relating the promotion of the international peace and security, the respect of national sovereignty, equality among States, independence, territorial integrity, international treaties and non-interference in the internal affairs of States,

Have decided to establish diplomatic relations at ambassadorial level, in accordance with the provisions of the Vienna Convention on Diplomatic Relations of 18 April 1961, as of the date of the signing of this Joint Communiqué.

In witness thereof, the undersigned representatives, duly authorized by their respective Governments, have signed in duplicate this Joint Communiqué in New York, on 9 March 2016, in two originals, in English and French all texts being equally authentic.

For the Government of the Republic of Tajikistan

H.E. Mr. Mahmadamin MAHMADAMINOV
Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary, Permanent Representative of the Republic of Tajikistan to the United Nations

For the Government of the Republic of Haiti

H.E. Mr. Denis REGIS
Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary, Permanent Representative of the Republic of Haiti to the United Nations

COMMUNIQUÉ CONJOINT

Portant sur

L'Établissement des relations diplomatiques

entre de la République de Tadjikistan

et de la République d'Haïti

Le Gouvernement de la République de Tadjikistan et le Gouvernement de la République d'Haïti,

Désireux de promouvoir la compréhension mutuelle et de renforcer les liens d'amitié et de coopération entre les deux pays.

Guidés par les principes et les énoncés de la Charte des Nations Unies et des normes du droit international, particulièrement le respect et la promotion de la paix et de la sécurité internationales, des principes d'égalité entre les Etats, respectueux de la souveraineté internationale et de l'intégrité territoriale, l'indépendance et les traités internationaux et de la non-ingérence dans les affaires internes des Etats.

Ont décidé d'établir des relations diplomatiques au niveau des Ambassadeurs sur la base de la Convention de Vienne sur les relations diplomatiques du 18 avril 1961, à compter de la date de la signature du présent Communiqué.

En foi de quoi les Représentants soussignés dûment autorisés par leurs autorités respectives, ont signé ce Communiqué en deux exemplaires, chacun en langues Anglaise et Française, tous les textes faisant également foi.

Fait à New York, le 9 mars 2016

Pour le Gouvernement de la République de Tadjikistan

S.E. M. Mahmadamin MAHMADAMINOV
Ambassadeur Extraordinaire et Plénipotentiaire
Représentant Permanent
de la République de Tadjikistan
auprès des Nations Unies

Pour le Gouvernement de la République d'Haïti

S.E.M. Denis REGIS
Ambassadeur Extraordinaire et Plénipotentiaire
Représentant Permanent
de la République d'Haïti
auprès des Natsons Unies

JOINT COMMUNIQUÉ
ON THE ESTABLISHMENT OF DIPLOMATIC RELATIONS
BETWEEN
THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
AND
THE REPUBLIC OF TOGO

The Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Togo,

Desirous to promote and strengthen the bonds of friendship and cooperation between their two countries and peoples;

Guided by the purposes and principles of the Charter of the United Nations, the Vienna Convention on Diplomatic Relations of 18 April 1961, the Vienna Convention on Consular Relations of 24 April 1963 and other norms of international law, particularly those pertaining to the mutual respect for independence, sovereign equality, territorial integrity, and non-interference in the domestic affairs of other States;

Have decided to establish diplomatic relations, at the ambassadorial level, as of the date of signing of this Joint Communiqué;

In witness thereof, the undersigned representatives, duly authorized by their respective Governments, have signed in duplicate this Joint Communiqué in Kuwait city, on 02 March 2016, in two originals in the English language.

For the Government of the
Republic of Tajikistan

H.E. Mr. Zubaidullo Zubaidov

Ambassador Extraordinary and
Plenipotentiary of the
Republic of Tajikistan
to the State of Kuwait

For the Government of
the Republic of Togo

H.E. Mr. Mohamed Sad OURO-SAMA

Ambassador Extraordinary and
Plenipotentiary of the
Republic of Togo
to the State of Kuwait

Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи шашуми рушди устувор таҳти унвони «Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт»

9-11 августи 2016 с.
ш.Душанбе

Симпозиум высокого уровня по шестой цели устойчивого развития «Достижение всеобщего доступа к воде и санитарии»

9-11 августа 2016 г.
г.Душанбе

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – “Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт”

Муҳтарам муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид,

Ҷанобон ва хонумони гиромӣ,

Нахуст, мехостам бо камоли самимият ҳамаи иштирокдорони Симпозиуми байналмилалии сатҳи баландро оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – “Таъмини дастрасии ҳамагонӣ ба об ва беҳдошт” хайрамақдам гӯям.

Нишасти имрӯзаи мо, ки бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид сурат мегирад, ҷиҳати муҳокимаи роҳу усулҳои рафъи мушкилоти вобаста ба татбиқи рӯзномаи ҷаҳонии рушд бо таваҷҷуҳ ба ҳадафҳои марбут ба об имконияти хуберо фароҳам меорад.

Мубодилаи афкор атрофи масъалаҳои вобаста ба пиёдасозии уҳдадориҳои мо дар соҳаи рушди устувор амри рӯз мебошад.

Зимнан, ба роҳбарияти Созмони Милали Муттаҳид ва дигар сохторҳои алоқаманд барои кумаку дастгириашон дар раванди тадорукот ва баргузории Симпозиум сипосу миннатдорӣ изҳор менамоям.

Соли 2015 ҷиҳати таҳия ва тасдиқи Рӯзномаи ҷаҳонии рушд соли хотирмон буд. Дар ин сол ҷомеаи байналмилалӣ як силсила санадҳои муҳимро, ки пояҳои асосии рӯзномаи ҷаҳонии рушдро ташкил медиҳанд, қабул кард.

Барномаи сиғавии Сендай дар бораи коҳиши офатҳои табиӣ барои солҳои 2015-2030, Барномаи амали Аддис-Абеба роҷеъ ба маблағгузории рушд дар давраи баъд аз соли 2015, Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030, Созишномаи Париж оид ба иқлим аз ҷумлаи онҳоянд.

Ҳамаи ин санадҳо аз лиҳози ҳадафу вазифаҳои худ ба ҳам тавъам буда, масири рушди башариятро барои даҳсолаҳои минбаъда муайян месозанд.

Аз ин нигоҳ, санадҳои болозикр идомаи мантиқии чунин барномаҳои ҷаҳонӣ, аз қабили Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Барномаи амали Ҳиого ва Протоколи Киото ба шумор рафта, доираи вазифаву уҳдадориҳоеро, ки дар онҳо муқаррар шудаанд, бо иқдомҳои нави муштарак боз ҳам фарохтар мегардонанд.

Бо истифода аз фурсати муносиб, мехостам чанд нуктаеро дар бораи санади ниҳоии Саммити Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба рушди устувор баён намоям.

Ба андешаи мо, Рӯзномаи нави рушди устувор, ки дар асоси ҳадафҳо ва усулҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Баёнияҳои рушд ва ҳуқуқи инсон, инчунин дигар санадҳои калидии Созмон таҳия шудааст, умеду орзуҳои ҳама мардуми ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёраро барои ояндаи шоистаю бехатар фаро гирифтааст.

Яке аз вижагиҳои санади нав ҳамгироии ҳадафу вазифаҳои марбут ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки се пояи асосии рушди устуворро ташкил медиҳанд, мебошад.

Санади мазкур инчунин гуногунии ҷаҳони моро, ки дар баробари гуногуншаклии биологии муҳити зист барои рушду тавсеа аҳамияти калидӣ дорад, фаро гирифтааст.

Дар ин ҷо мехоҳам ба ҳадафи шашуми рушди устувор, ки ба масъалаи таъмин намудани дастрасии ҳамагонӣ ба об ва беҳдошт бахшида шудааст, таъкид намоям.

Ин ҳадаф, дар баробари зарурати таъмин намудани дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ва беҳдошт, масъалаҳои сифати об, самаранокии истифодаи он, пиёдасозии мудирияти муштараки захираҳои об, ҳифзи экосистемаи об, инчунин тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ дар соҳаи обро дар бар мегирад.

Илова бар ин, қисмати марбут ба оби Ҳадафҳои рушди устувор вазифаҳои алоҳидаеро, ки ҳамгироии ҳадафи 6-умро бо дигар Ҳадафҳои рушди устувор таъмин менамоянд, муқаррар кардааст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки мудирияти захираҳои об дар Рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ҷойгоҳи калидиро касб кардааст.

Ин дастовардро мо натиҷаи назарраси талошҳои муштараки солҳои ахири ҳукуматҳо, ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид, сохторҳои молиявии байналмилалӣ, доираҳои илмию соҳибкорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин ҷода медонем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти муштарак дар ин самт ҳанӯз дар овони тадорукоти Конфронси Рио+20 оғоз ёфта буд.

Маҳз дар ҳамон давра зиёда аз 50 кишвари аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар чаҳорчӯби Гурӯҳи “Дӯстони об” дар Ню-Йорк гирдиҳам омаданд, то ин ки ҷиҳати пешбурди масъалаҳои марбут ба об, ки дар Рӯзномаи нави рушд дарҷ гардидаанд, ҳамкорӣ намоянд.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи аъзои муҳтарами Гурӯҳи “Дӯстони об” ва Кумитаи ҳидояткунандаи он, ки намояндагонашон дар ин толор ҳузур доранд, барои талошҳои босамарашон дар таҳия ва татбиқи рӯзномаи глобалии об изҳори сипос менамоям.

Моҳи июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” барои солҳои 2005-2015, баргузор гардид.

Санади ниҳоии Конфронс – Эъломияи Душанбе – нақши муҳимми Даҳсолаи “Об барои ҳаёт”-ро дар ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои марбут ба оби Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар сатҳи байналмилалӣ таъкид кардааст.

Ба ақидаи мо, даҳсолаи мазкур баҳри баланд бардоштани сатҳи донишу огоҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ, тавсеаи ҳамёрӣ дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҳамкорӣ миёни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷалби занон, ҷавонон, намояндагони илму маориф ва соҳибкорон ба раванди баррасӣ ва ҳаллу фасли мушкилоту чолишҳои марбут ба мудирияти захираҳои об мусоидати хуб кард.

Дар ин робита мувофиқи мебуд, ки дастоварду комёбиҳои Даҳсола, инчунин тазоду норасоиҳои раванди иҷрои вазифаҳои он зимни татбиқи Рӯзномаи нави рушди ҷаҳонӣ мавриди назар қарор мегирифтанд.

Ба ин мақсад дар моҳи апрели соли гузашта мо пешниҳод карда будем, ки ҷиҳати идомаи саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти марбут ба об Даҳсолаи байналмилалии нав таҳти унвони “Об барои рушди устувор” эълон карда шавад.

Ба андешаи мо, чунин як иқдом барои ҷалби таваҷҷуҳи бештар ва фарогир ба татбиқи Ҳадафи шашуми рушди устувор ва вазифаҳои он мусоидат хоҳад кард.

Умедворам, ки ширкаткунандагони ҳамоиш ҷиҳати пуштибонии ин ибтикор тавсияҳои мушаххас ироа хоҳанд кард.

Ҳозирини гиромӣ,

Соли гузашта Шӯрои машваратии Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба масъалаҳои об ва беҳдошт кори худро ба анҷом расонид.

Шӯрои мазкур зимни натиҷагирӣ аз фаъолияташ тайи солҳои ахир тавсияву пешниҳодотро ҷиҳати таҳким бахшидан ба сохтори ҷаҳонии об ироа кард. Бо дарназардошти зарурати идомаи талошҳо дар татбиқи Ҳадафи шашуми Рӯзномаи рушди устувор, тавсияву пешниҳодоти Шӯро ҷавобгӯи талаботи рӯз буда, дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об мусоидат менамоянд.

Аз ин рӯ, мо бояд якҷо ҷиҳати пайдо кардани ҳамоҳангӣ миёни Даҳсолаи нав ва дигар иқдомоти байналмилалӣ дар ин самт кӯшиш ба харҷ диҳем.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳадафҳо танҳо дар ҳолате амалӣ мешаванд, ки василаҳои муассир ва нақшаҳои мушаххас барои татбиқи онҳо тарҳрезӣ шуда бошанд.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки Ҳадафи шашуми рушди устувор, бо дарназардошти вижагиҳои ҳар кишвар, ба стратегияҳои миллии рушди устувори онҳо ба ҳайси ҷузъи меҳварӣ ворид карда шавад.

Барои Тоҷикистон, ки дорои захираҳои маҳдуди замин мебошад, истифодаи оқилона ва босамари захираҳои об ҷиҳати таҳким бахшидан ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба вижа коҳиши камбизоатӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, инчунин тавсеи соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ аҳамияти бунёдӣ дорад.

Бино бар ин, дар Стратегияи рушди миллии кишвар, ки айни ҳол аз ҷониби коршиносон таҳриру такмил дода мешавад, мудирияти захираҳои об ҷойгоҳи шоиста дорад.

Дар оғози соли равон бо ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Президенти Бонки ҷаҳонӣ Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об бо шумули роҳбарони дах кишвари аъзои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Тоҷикистон таъсис ёфт.

Изҳори умедворӣ менамоям, ки ин Панел ба ҳайси саҳнаи ҳамкориҳои дастаҷамъонаи мо дар амалияи баррасиву дарёфти роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами глобалӣ дар соҳаи об нақши муҳим хоҳад гузошт.

Ҳозирини арҷманд,

Ба андешаи мо, зимни баррасии масъалаҳои марбут ба татбиқи Ҳадафи шашуми рушди устувор нуктаҳои зерин бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шаванд:

Якум, таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба захираҳои об метавонад кӯшишҳои моро дар самти расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор халалдор намояд.

Тибқи арзёбиҳои муътамад, аз ҷумла тадқиқотҳои сохторҳои алоқаманди Созмони Милали Муттаҳид, раванди болоравии ҳарорат дар сатҳи глобалӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Ин раванд метавонад ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамасола то 2 триллион доллар зарар расонад.

Тоҷикистон, ки дар қаламрави он то 60 дарсади захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад, ҳамчунин аз таъсири манфии тағйирёбии иқлим дар канор намондааст.

Дар давоми даҳ соли ахир қариб 30 дарсади ҳаҷми пиряхҳои Тоҷикистон об шудааст ва ин тамоюл идома дорад.

Тайи ин давра танҳо масоҳати пиряхи Федченко – бузургтарин пиряхи қитъавӣ дар Тоҷикистон – ба андозаи 2 километри мукааб ях коҳиш ёфтааст.

Ҳамзамон, соли ҷорӣ бинобар камобӣ пастшавии сатҳи оби дарёҳои асосии минтақа, аз ҷумла Амударё ва Сирдарё дар андозаи то 30 дарсад мушоҳида мешавад ва ин ҳолат ба ҷараёни обтаъминкунии кишварҳои ҳавза таъсирбахш аст.

Аз ин бармеояд, ки кишварҳои минтақа дар мудирияти захираҳои обҳои минтақавӣ дар асоси усулҳои баробарҳуқуқӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ бояд барномаҳои мушаххаси минтақавиро роҳандозӣ намоянд.

Дар робита ба таъсири тағйирёбии иқлим солҳои ахир дар Тоҷикистон басомади офатҳои табиии вобаста ба об афзудааст, ки ҳамасола сабаби зарари зиёди моливу ҷонӣ мегардад.

Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти кишвар хисороти ғайричашмдошт расонида, пешорӯи саъю талошҳои мо дар самти таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ монеа

эҷод менамоянд.

Дуюм, афзоиши шумораи аҳолӣ дар миқёси сайёра ва ниёзмандии рӯзафзун ба захираҳои об дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ вазифаҳои нав мегузорад.

Аз ҷумла, афзоиши талабот ба об метавонад боиси пайдоиши мушкилоти ҷиддӣ дар муносибатҳои миёни бахшҳои гуногуни иқтисодиёт шавад, ки дар навбати худ ба оқибатҳои ҷиддии манфӣ ҳатто дар дохили як кишвар оварда мерасонад.

Аз ин лиҳоз, дар шароити камбуди об шиддат гирифтани рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои он ба раванди таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини некуаҳволии кишварҳои алоҳида таъсири манфӣ хоҳад расонд.

Дар чунин вазъият, ба андешаи мо, роҳандозии мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об барои такмил ва таҳкими шаклу василаҳои мавҷудаи ҳамкорӣ дар соҳаи об имкониятҳои навро дар сатҳҳои гуногун фароҳам меорад.

Сеюм, ба инобат гирифтани унсури гендерӣ дар мудирияти захираҳои об амри зарур аст.

Зимнан, бояд ҷиҳати ҷалби занону духтарон ба раванди рушд ва тақвияти нақши онҳо дар мудирият ва ҳифзи захираҳои об кӯшиши бештар ба харҷ дода шавад.

Чорум, роҳандозии ҳама нақшаву амалҳои мо аз таъмини саривақтӣ ва муносиби захираҳои молиявӣ, сармоявӣ ва фанноварии онҳо вобастагӣ дорад.

Мусаллам аст, ки дар шароити кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ ниёзманди таҷдиду ба воқеиятҳои нав мутобиқ гардонидани ҳамкориҳои глобалӣ ба хотири таъмини рушди устувор мебошад.

Дар робита ба ин тавсеаи ҳамкориҳои илмиву технологӣ яке аз самтҳои муҳимми талошҳои муштарак баҳри татбиқи

самарабахши барномаву лоиҳаҳои марбут бо истифодаи боэътимоди захираҳои об ба ҳисоб меравад.

Баҳрабардории васеъ аз технологияҳои муосир дар ин раванд яке аз василаҳои муассири сарфакорӣ ва паст кардани сатҳи талафоти об мебошад.

Панҷум, ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об яке аз омилҳои калидии таъмини сулҳу субот ва рушд дониста мешавад.

Имрӯз дар ҷаҳон бештар аз 276 ҳавзаи дарёҳои фаромарзӣ вуҷуд дорад, ки қаламрави 148 кишвар ва беш аз 40 дарсади аҳолии ҷаҳонро фаро мегиранд.

Роҳандозии ҳамкории босамар дар соҳаи об омили такондиҳандаи таъмини рушди кишварҳои ин ҳавзаҳо шуда метавонад.

Баръакс, набудани чунин ҳамкорӣ имкон дорад, ки боиси ба миён омадани хавфу хатарҳои ҷиддие гардад, ки ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо таъсири манфӣ хоҳанд расонд.

Кишварҳои минтақаи мо аз захираҳои оби ду дарёи асосӣ - Амударё ва Сирдарё, инчунин як қатор рӯдҳои хурди фаромарзӣ истифода мебаранд.

Захираҳои оби минтақа асосан дар қаламрави ду кишвар ташаккул ёфта, истифодаи комили об дар кишварҳои дигари поёноб сурат мегирад.

Дар чунин шароит ҳамкории шоиста дар соҳаи мудирияти боэътимод ва истифодабарии захираҳои об омили калидии таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравад.

Бо имзои чанде аз созишномаҳои муҳим кишварҳои минтақа тавонистанд фаъолияти барои ҳамаи ҷонибҳо мақбули маҷмӯи соҳаи обтаъминкуниро дар шароити мураккаби гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ таъмин намоянд.

Ҳамзамон, дар минтақа ҳанӯз майдони фарохи ҳамкорӣ

дар соҳаи истифодаи захираҳои об ва энергетика бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи кишварҳои минтақа вуҷуд дорад.

Пурра ба кор андохтани ин иқтидорҳо метавонад омили муассири ба хатсайри рушди устувор баровардани кишварҳои шомили минтақа шавад.

Бо ҷонибдорӣ аз истифодаи одилона ва оқилонаи онҳо мо татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи муассири расидан ба ин ҳадафи нек медонем.

Зимнан, Тоҷикистон омода аст, ки дар ин ҷода бо ҳамаи кишварҳои дуру наздики манфиатдор ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда, густариш диҳад.

Ҳозирини мӯҳтарам,

Дар шароити кунунӣ равшан аст, ки раванди гузариш ба рушди устувор барои бархе аз кишварҳои ҷаҳон мушкилу печида хоҳад буд.

Бино бар ин, роҳандозии талошҳои муштарак ва дасти ёрӣ дароз кардан ба он кишварҳое, ки дар ин масир ба мушкилот рӯ ба рӯ шудаанд, гарави татбиқи комгоронаи Рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд хоҳад буд.

Дар робита ба ин дастгирии гурӯҳи кишварҳои дорои вазъияти вижа, аз ҷумла кишварҳои тараққикунандаи маҳсур бо хушкӣ ва хурди ҷазиравӣ ба хотири татбиқи барномаҳои миллии рушди онҳо муҳим ба назар мерасад.

Дар анҷом ба ҳамагон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои неки Рӯзномаи глобалии рушди устувор комёбӣ орзу намуда, ба Симпозиуми имрӯза кори бобарор мехоҳам.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.

СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САТҲИ БАЛАНД ОИД БА ҲАДАФҲОИ ШАШУМИ
РУШДИ УСТУВОР - "ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ УМУМӢ БА ОБ ВА БЕҲДОШТ"
МЕЖДУНАРОДНЫЙ СИМПОЗИУМ ВЫСОКОГО УРОВНЯ ПО ШЕСТОЙ ЦЕЛИ УСТОЙЧИВОГО
РАЗВИТИЯ - "ОБЕСПЕЧЕНИЕ ВСЕОБЩЕГО ДОСТУПА К ВОДЕ И САНИТАРИИ"
THE HIGH-LEVEL SYMPOSIUM ON SDG 6 AND TARGETS: ENSURING THAT NO ONE
IS LEFT BEHIND IN ACCESS TO WATER AND SANITATION

СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САТҲИ БАЛАНД ОИД БА ҲАДАФИ ШАШУМИ
РУШДИ УСТУВОР - "ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ УМУМ БА ОБ ВА БЕҲДОШТ"
МЕЖДУНАРОДНЫЙ СИМПОЗИУМ ВЫСОКОГО УРОВНЯ ПО ШЕСТОЙ ЦЕЛИ УСТОЙЧИВОГО
РАЗВИТИЯ - "ОБЕСПЕЧЕНИЕ ВСЕОБЩЕГО ДОСТУПА К ВОДЕ И САНИТАРИИ"
THE HIGH-LEVEL SYMPOSIUM ON SDG 6 AND TARGETS: ENSURING THAT NO ONE
IS LEFT BEHIND IN ACCESS TO WATER AND SANITATION

Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на церемонии открытия Симпозиума высокого уровня по шестой цели устойчивого развития и целевым задачам «Достижение всеобщего доступа к воде и санитарии»

Уважаемый Заместитель Генерального Секретаря ООН,

Дамы и господа,

Прежде всего, хотел бы искренне поприветствовать всех участников Симпозиума высокого уровня по Шестой цели устойчивого развития и целевым задачам «Достижение всеобщего доступа к воде и санитарии».

Сегодняшнее наше мероприятие, которое проводится по совместной инициативе Правительства Республики Таджикистан и Организации Объединенных Наций, предоставляет нам благоприятную возможность для обсуждения путей и способов решения вопросов, связанных с реализацией Глобальной повестки дня развития с акцентом на ее водную составляющую.

Обмен мнениями по вопросам практической реализации наших обязательств в области устойчивого развития – это требование времени.

В этой связи хотел бы выразить нашу признательность руководству ООН и другим со-организаторам сегодняшнего Симпозиума за поддержку, оказанную в ходе подготовки и проведения мероприятия. С точки зрения разработки и утверждения Глобальной повестки дня развития 2015-й год стал значимым годом.

В прошлом году международное сообщество одобрило целый ряд важных документов, которые стали столпами новой Глобальной повестки дня развития.

В их число входят Сендайская рамочная программа по снижению риска бедствий на 2015-2030 годы, Аддис-

Абебская программа действий в области финансирования развития на период после 2015, Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года, Парижское соглашение по климату.

Все эти документы, с точки зрения своих целей и задач, тесно связаны друг с другом и в комплексе определяют вектор развития человечества на ближайшие десятилетия.

В этом разрезе, указанные документы, представляя собой логическое продолжение таких программ глобального характера, как Цели развития Тысячелетия, Хиогская программа действий и Киотский Протокол, значительно расширяют охват определенных в них целей и задач новыми коллективными усилиями.

Пользуясь случаем, хотел бы остановиться на некоторых моментах итогового документа Саммита ООН по устойчивому развитию.

На наш взгляд, новая Повестка дня устойчивого развития, разработанная на основе целей и принципов Устава ООН, Деклараций в области развития и прав человека, а также других ключевых документов ООН, учитывает чаяния и надежды всех народов и каждого жителя планеты на достойное и справедливое будущее.

Уникальность нового документа заключается в том, что в нем гармонично интегрированы цели и задачи в области экономического роста, социального развития и охраны окружающей среды – трех опор устойчивого развития.

Указанный документ, наряду с биоразнообразием, учитывает культурное многообразие нашего мира, которое имеет центральное значение для устойчивого развития.

В этом контексте, особо хотел бы отметить Шестую цель устойчивого развития, которая посвящена вопросам достижения всеобщего доступа к воде и санитарии.

Шестая цель, наряду с акцентом на важность обеспечения

всеобщего доступа к питьевой воде и санитарии, охватывает вопросы качества воды, повышения эффективности водопользования, внедрения интегрированного управления водными ресурсами, охраны водных экосистем, а также расширения водного сотрудничества и партнерства.

В дополнение к этому, водный компонент ЦУР определяет отдельные целевые задачи, посредством которых обеспечивается интеграция Шестой цели с другими задачами ЦУР.

В целом можно сказать, что вопросы управления водными ресурсами занимают ключевыее позициии в Глобальной повестке дня развития.

Указанное достижение, безусловно, является важным итогом совместных усилий многих правительств, учреждений системы ООН, международных финансовых институтов, научных и деловых кругов, гражданского сообщества за последние годы.

При этом следует отметить, что совместная работа в этом направлениии началась еще в ходе подготовки к Конференции Рио+20.

Именно тогда, более пятидесяти стран объединились с тем, чтобы в рамках Группу друзей воды в Нью-Йорке совместно продвигать водный компонент новой Повестки дня развития.

Пользуясь случаем, хотел бы выразить всем членам Группы друзей воды и ее руководящего комитета, представители которых присутствуют в этом зале, признательность за неустанные усилия в разработке и продвижении новой водной повестки дня.

В июне 2015-го года в Душанбе проходила Международная конференция высокого уровня по подведению итогов осуществления Международного десятилетия действий «Вода для жизни, 2005-2015».

В итоговом документе Конференции – Душанбинской

декларации — отмечена важная роль Десятилетия «Вода для жизни» в деле достижения задач ЦУР в области воды на международном уровне.

На наш взгляд, Десятилетие стало важным содействующим фактором в повышении уровня осведомленности гражданского общества, расширении партнерства на национальном, региональном и международном уровнях, а также сотрудничества между правительственными и неправительственными субъектами, вовлечении женщин, молодежи, деловых и научных кругов в процесс обсуждения и решения проблем и вызовов, связанных с вопросами управления водными ресурсами.

В этой связи, было бы целесообразно принимать во внимание достижения Десятилетия, также как и упущения процесса осуществления его задач при реализации новой Повестки дня устойчивого развития.

В этих целях, в апреле прошлого года для продолжения усилий международного сообщества в части решения проблем, связанных с водой, мы вышли с предложением об объявлении нового международного Десятилетия под названием «Вода для устойчивого развития».

На мой взгляд, подобный шаг оказал бы содействие наращиванию внимания к осуществлению ЦУР 6 и ее целевых задач.

Надеюсь, что участники сегодняшнего Симпозиума выработают конкретные рекомендации по поддержке и продвижению данной инициативы.

Уважаемые присутствующие,

В прошлом году завершил свою работу Консультативный совет Генерального секретаря ООН по водным ресурсам и санитарии.

По итогам многолетней деятельности Консультативный совет представил свои рекомендации и предложения по

упрочению глобальной архитектуры в области водных ресурсов.

С учетом необходимости продолжения усилий в деле практической реализации шестой цели Повестки дня устойчивого развития, рекомендации и предложения Совета отвечают требованиям дня, и способствуют решению водных проблем.

Поэтому, мы должны предпринять совместные шаги в этом направлении для обеспечения согласованности между новым Десятилетием и другими международными инициативами.

Опыт показывает, что цели достижимы лишь в том случае, если будут выработаны действенные механизмы и конкретные планы по их осуществлению.

Соответственно, весьма важно, чтобы шестая ЦУР, с учетом особенностей каждой страны, была включена в национальные стратегии устойчивого развития в качестве их стержневого компонента.

Для Таджикистана, имеющего ограниченные земельные ресурсы, в процессе укрепления устойчивого экономического и социального роста, в особенности в части снижения уровня бедности, обеспечения продовольственной и энергетической безопасности, а также расширения отраслей промышленности и сельского хозяйства, рациональное использование водных запасов имеет фундаментальное значение.

Поэтому, в Национальной стратегии развития нашей страны, которая в настоящее время дорабатывается экспертами, вопросам управления водными ресурсами уделено достойное внимание.

В начале текущего года по инициативе Генерального секретаря ООН и Президента Всемирного Банка была учреждена Панель высокого уровня по водным вопросам, в которую вошли лидеры десяти стран-членов ООН, в том числе Таджикистана.

Выражаю надежду, что Панель в качестве площадки для совместного взаимодействия сыграет важную роль в процессе рассмотрения и нахождения путей решения актуальных глобальных вопросов водной повестки дня.

Уважаемые присутствующие,

На наш взгляд, рассматривая вопросы осуществления шестой ЦУР, следовало бы учесть следующие моменты:

Во-первых, отрицательное влияние изменения климата на водные ресурсы способно подорвать наши усилия по достижению ЦУР.

Согласно подтвержденным оценкам,в том числе исследованиям соответствующих структур ООН, процесс изменения температурного значения имеет тенденцию дальнейшего роста на глобальном уровне.

Тенденция глобального потепления может нанести мировой экономике ущерб более чем в 2 триллиона долларов ежегодно.

Таджикистан, на территории которого формируются до 60% водных ресурсов региона Центральной Азии, также не остался в стороне от негативного влияния изменения климата.

За последние десятилетия ледники Таджикистана потеряли почти 30% своих объемов и эта тенденция неуклонно продолжается.

Только крупнейший континентальный ледник Федченко за этот период потерял в объеме около 2 кв.км льда.

Одновременно, в текущем году из-за маловодия наблюдается уменьшение до 30% уровня воды в главных реках региона – Амударья и Сирдарья, что оказывает сильное влияние на процесс водообеспечения в странах бассейна этих рек.

Соответственно, странам региона надлежит на основе принципов равноправия и взаимопонимания разработать и реализовать конкретные региональные программы по

управлению водными ресурсами.

В связи с воздействием изменения климата за последние годы в Таджикистане наблюдается учащение стихийных явлений, связанных с водными ресурсами, которые ежегодно наносят стране огромный материальный ущерб и людские потери.

Стихийные бедствия, нанося непредвиденный ущерб экономике страны, подрывают наши усилия в области развития.

Во-вторых, рост населения в планетарных масштабах, также как и возрастающие потребности в водных ресурсах ставят перед мировым сообществом новые задачи.

Так, возрастающий спрос на водные ресурсы способны вызвать серьезные трудности в отношениях между различными отраслями экономики, что в свою очередь может привести к серьезным негативным последствиям даже в пределах отдельно взятой страны.

В этих условиях, на наш взгляд, широкое внедрение интегрированного управления водными ресурсами открывает новые возможности для усовершенствования и улучшения существующих механизмов водного сотрудничества на всех уровнях.

В-третьих, необходимо учесть гендерный аспект водной проблематики.

Нам следует более активно вовлекать женщин в процесс развития и укрепить их роль в управлении и защите водных ресурсов.

В-четвертых, все наши планы и действия должны быть закреплены адекватными средствами для осуществления, в частности финансовыми ресурсами, инвестициями и технологиями.

Очевидно, что в нынешних условиях мировое сообщество испытывает потребность в оптимизации и адаптации

к новым реалиям глобального партнерства в интересах устойчивого развития.

Важным вектором совместных усилий для результативной реализации проектов и программ по устойчивому водопользованию могло бы стать расширение сотрудничества в сфере науки и технологий.

Широкое внедрение современных технологий в процесс водопользования является одним из действенных механизмов экономии и снижения уровня потерь воды.

В-пятых, трансграничный компонент водного сотрудничества играет центральную роль в обеспечении мира, стабильности и развития.

Сегодня в мире насчитывается более 276 трансграничных речных бассейнов с охватом территории 148 стран, в которых проживает свыше 40% населения земли.

Эффективно налаженная водная кооперация способна стать катализатором развития стран этих бассейнов.

И это в то время как, отсутствие такого сотрудничества способно вызвать серьезные риски и издержки, которые могут отрицательно повлиять на их экономическую и социальную ситуацию.

Страны нашего региона разделяют водные ресурсы двух крупных рек – Амударьи и Сырдарьи, а также ряд малых трансграничных водотоков.

Водные ресурсы региона главным образом формируются на территории двух государств, а их максимальное использование приходится на другие государства.

В этих условиях надлежащее сотрудничество по устойчивому управлению и использованию водных ресурсов является ключевым фактором обеспечения социально-экономического развития стран региона.

Подписанием ряда важных соглашений, страны

региона добились обеспечения функционирования водохозяйственного комплекса в сложных условиях перехода к рыночной экономике.

Тем не менее, в регионе все еще существует большой потенциал для сотрудничества в области рационального использования водно-энергетических ресурсов с учетом интересов всех сторон.

Полное задействование этого потенциала могло бы стать важным фактором вывода стран региона на траекторию устойчивого развития.

Выступая за справедливое и рациональное использование указанных возможностей, мы единственным действенным средством достижения этой благородной цели считаем последовательное осуществление на практике дипломатии по водному сотрудничеству.

На этой основе Таджикистан готов к взаимовыгодному сотрудничеству в этой области на региональном и международном уровнях со всеми заинтересованными близкими и дальними странами.

Уважаемые присутствующие,

Очевидно, что в нынешних реалиях процесс перехода к устойчивому развитию для некоторых стран мира будет сложным и непростым.

Следовательно, продолжение наших совместных усилий и оказание помощи тем странам, которые на этом пути сталкиваются с наибольшими трудностями, являются гарантией успешного осуществления Глобальной повестки дня развития.

В этой связи сохраняет свою актуальность вопрос поддержки группы стран, находящихся в особой ситуации, в частности развивающихся стран, не имеющих выхода к морю и малых развивающихся островных государств, в реализации их национальных программ развития.

В завершение желаю всем успехов в достижении благородных целей Глобальной повестки дня устойчивого развития, а сегодняшнему Симпозиуму – плодотворной работы.

Благодарю за внимание.

AFGHANISTAN



ECO



МУНДАРИҶА

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба нахустин таҷлили "Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ" ва ифтитоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ 3

Маводҳои конфронс бахшида ба 25-солагии ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири Истиқлолият», шаҳри Душанбе, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14

СИРОҶИДИН АСЛОВ. Сухани ифтитоҳии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15

ШАРИФҶОН РАҲИМЗОДА. Сиёсати иқтисодии хориҷӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ ва ва пешбурди он дар оянда 19

ҒУЛОМҶОН БОБОЗОДА. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо институтҳои молиявии байналмилалӣ дар давраи истиқлолият 25

ХУДОБЕРДӢ ХОЛИҚНАЗАР. Нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол 31

АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА. Дурнамои рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 37

Ғ. МИРЗОЕВ. Ташаккул ва рушди субъектҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият 46

БАБАДЖАНОВА М.М. Вехи истории сотрудничества Таджикистан – ЮНЕСКО 58

НУРИДДИНОВ Р. Ш., НЕГМАТОВА Т.М. Некоторые вопросы становления внешней политики Республики Таджикистан в годы независимости 68

АБДУГАНИ МАМАДАЗИМОВ. Об актуальности возрождение шелковой дипломатии и ее адаптации современным реалиям …..…..….....84

ҒАФУРОВ АСЛИДДИН. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав …….....89

Аз бойгонии Вазорати корҳои хориҷӣ
Joint Communique on establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Nicaragua 95

Joint Communique on establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Haiti 97

Joint Communique on establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Togo 99

Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи шашуми рушди устувор таҳти унвони “Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт” 100

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳадафи шашуми рушди устувор – “Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт”.....101

Выступление Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на церемонии открытия Симпозиума высокого уровня по шестой цели устойчивого развития и целевым задачам «Достижение всеобщего доступа к воде и санитарии».....113

Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Ҳадафи шашуми рушди устувор таҳти унвони «Таъмини дастрасии умум ба об ва беҳдошт» дар аксҳо.....123

Дар маҷалла расмҳои Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд

ISSN 2312-3338

Ба чоп 24.04.2017 имзо шуд.
Андозаи 70х100 1/16. Қоғази офсетӣ.
Ҳуруфи Palatino Linotype.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 11,0
Теъдод: 150 нусха

Нашрияи Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш Душанбе, кӯчаи Шероз 33

Дар матбааи КВД «Тоҷикдипсервис»
ба табъ расидааст.
734025, ш.Душанбе, кӯчаи Бохтар 12.
www.tds.tj